НАШРИЁТИ «АДИБ»



С О Л Е Ҳ   Б О Б И З О Д А

**Ба истиқболи 20-солагии**
**Истиқлоли давлатии**
**Тоҷикистон мебахшам.**
***Муаллиф***

# ШИКАСТИ САДШИКАН

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
Б–35

Муҳаррир *Зиё Абдуллоев*

С–35 **Солеҳ Бобизода. Шикасти садшикан** (мунтахаби ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2011, 96 саҳ.

*Дар китоби «Шикасти садшикан» кӯшиши шоиреро мебинед, ки дар сафи садшиканони Ватан садди маънишиканӣ дорад ва дар таърих ватандорони бузурги мо бисёр садшиканони сарҳади ҳам ҷисмони ва ҳам маънавии моро баргашта шикастаанд ва ба нафъи ҷомеаи инсон гузоштаанд.*

ISBN 978-99947-2-077-4

© Солеҳ Бобизода, 2011

# ПАРЧАМ

Тӯйи ному нашонам андар олам,
Диравши Коваёнам андар олам,
Ҷилои дурнамоям андар олам,
Бақои ҷовидонам андар олам,
Парафшон, армуғонам, парчами ман.

Зи қаъри асрҳо боло ҷаҳидӣ,
Зи ҳар шебу фарзаш кай рамидӣ,
Гаҳе сад пардаи абраш даридӣ.
Намудӣ сарфарозӣ з-он паридӣ,
Парафшон, армуғонам, парчами ман.

Чу шоҳин аз фазо ҷавлон намойи,
Ту, парчаммиллатам, ҷавлонгаройи,
Ливойи ман, барам тоҷи саройи.
Умедам, сад умедам. дил рабойи,
Парафшон, армуғонам, парчами ман.

Матоят аз ҳарири заҳматаст – он,
Дурахши лолагун аз ғайратаст – он,
Мубо079ризи матинам, парчамаст – он,
Парафшонам, парафшонам, парафшон.
Парафшон, армуғонам, парчами ман.

Сапедӣ бахту иқболам бидодӣ,
Бишуд ин рӯзи нав, рӯзи мунодӣ,
Намудам з-он зи бахти хеш шодӣ,
Дари бахту саодатро кушодӣ,
Парафшон, армуғонам, парчами ман.

Зи ранги сабзи ту олам дигар шуд,
Дирафши коваёнӣ тоҷи сар шуд,
Замину ҳам замонам пурсамар шуд,
Ливои ту ба деҳу баҳру бар шуд,
Парафшон, армуғонам, парчами ман.

*24.11.2010 с.*

# МУЛКИ ҶАҲОНАМ ДОДАӢ

Эй Ватан, кавну маконам додаӣ,
Ҷилвагоҳам, шаъну шонам додаӣ.

Чун ҳубоб аз қатраи оби ҳаёт,
Сарнавиштеву равонам додаӣ.

Дар масири ваҳдати халқи ҷаҳон,
Оли Сомонам, амонам додаӣ.

Нури ваҳдат ҷилвагар дар мулки ман,
Қудрати сабру тавонам додаӣ.

Сарвари бо нангу номусат аз он,
Чилчароғ аз Каҳкашонам додаӣ.

Бе ватан аз худкушӣ дорад сабақ,
Кишвари олиҳагонам додаӣ.

Бе ватан бе маснаду бе муттакост,
Тоҷикистони ҷавонам додаӣ.

Бе ватан хору залилу мустаманд,
Зарраам, мулки ҷаҳонам додаӣ.

## АЗ ҲАСРАТИ ҶОН ОМАДӢ

Дил тақозои замон ошуфтаармон омадӣ,
Аз хазон огаҳ найи, печидапаймон омадӣ.

Бӯи шир ояд зи коми нахли нокомат ҳанӯз,
Зери гардун ноумед аз ҳасрати ҷон омадӣ.

Мезанад дудаста бар сар, сина модар ҳолате,
«О, ҷигарбандам», бигӯяд, менакайдон омадӣ.

Бар хазонаш маспар, эй боланда аз файзи амал!
Кай бидонӣ нахли ту баргаштапӣмон омадӣ?

Коҳи бедон ар намудӣ бод, эй бодӣ куҷо?
Бо умеде фарз кардӣ фарзи арзон омадӣ!?

Бишнав ин посух, маънӣ: - банди террораш мадеҳ!
Навниҳол ин боғи умрат, чаппаагардон омадӣ!

## АВҶУ БАРОРАСТ

Дунёйи ҳаводис зи паи нақшу нигорaст,
Гулдаста шавад гул пайи чангу ғуборaст.

Аз нашъайи гул гашта машомат-ку муаттар,
Бонандаи садбарги тараш наштари хорaст.

Бозичаи дастози фалак дидамат афзун,
Эҳдогари ин нашъунамо садри киборaст.

То рӯзи қиёмат ба сарам ишқи ту ояд,
Чун Роғуни ман, Роғуни ман, Роғуни ёраст.

Дар сархати паймони дилам кина маяндоз,
Бингар ба Ватан дар ҳама ҷо авҷу барораст!

То дар қафаси сина равонам, ки равонаст,
Ҳангомаи мо аз пайи ободи диёраст.

## НАВРӮЗ

Баҳорам ҷома зарҳалпӯш омад,
Баҳори зиндагӣ дар ҷӯш омад.

Гулистонам, гулистонӣ, Гулистон,
Паланг андар сафар харгӯш омад.

Аҷаб мурғи саҳар аз шавқи мастӣ,
Задӣ чаҳ-чаҳ, наво бар гӯш омад.

Равон аз кӯҳсорон оби Кавсар,
Зи Вахши ҷонфизо маҳ нӯш омад.

Навойи най, дафу чанг авҷи бозӣ,
Зи мастӣ бе маю майнӯш омад.

Чу ҳар ҷо бингарӣ, гул дар бари гул,
Кушодачеҳраву рӯпӯш омад.

Биё Наврӯз-Аҷам, ёрат манам-ман,
Бақои зиндагӣ дар ҷӯш омад.

*21.03.2011 с.*

# РУБОӢ ВА ДУБАЙТӢ

1.
Нафас андар гулӯ ту ҳамдамӣ, ғам,
Битобӣ ҷисму ҷонамро чу отанг.
Куҷо гӯям ғами дил аз ғами дил?
Нишастӣ дар вуҷудам сахтар аз санг.

2.
Сарам андар талоши зиндагӣ банд,
Бари ҳар як нафас пайваста дар нанг.
Ситамгар, фитнаҷӯ бе пирӣ, эй ғам!
Палангосо занӣ бар синаам чанг!

3.
Чаро, эй дил, туро бе дил шуморам?
Чу шеъре хоми бе таъсир шуморам?
Чашидам бодаи талхобат аз ғам,
Чу сангет бар лаби соҳил шуморам.

4.
Маро хун аз ҷигар кардӣ, ту эй дил!
Ба Ҷонам сахт асар кардӣ, ту эй дил!
Чу иблис, ҷоду ақламро рабудӣ,
Зи ҳолам бе хабар кардӣ, ту эй дил!

5.
Забонам, марҳами ҷонам, ту бошӣ,
Забонам, офати ҷонам, ту бошӣ.
Буроқи давру армонам, куҷоӣ,
Биҳишту дӯзахи ҷонам, ту бошӣ!

6.
Агар бо дил ту бошӣ ёри ҷонӣ,
Тасаддуқат шавам аз меҳрубонӣ.
Ғизои маънавият додаам ман,
Намоӣ то абад ту комронӣ.

7.

Ҳимоятгар забон андар даҳонам,
Худоё, ту забонамро нигоҳ дор.
Сарам, савдогари номам тӯйи-ту,
Нагардам шармсори ҳар ду бозор.

8.

Ту хонӣ мушкилоти хонаи дил,
Забоно, бо дилам баргашта муқбил.
Сару савдои ҳар ҳарфам ту бошӣ,
Ватан, бе ту маро эҳдои мушкил.

9.

Ту бо ман ҳамдаму ёри қаринӣ,
Сухан гӯйи, аҷаб хулди баринӣ.
Ба хулқат ту рӯҳамро тоза созӣ,
Ватан-модар, дилоро-сарзаминӣ.

10.

Равӣ, сомеи дилбанди башар бош,
Зи хулқат дар раҳи кори ҳашар бош.
Макун аз зери нохун чиркдобӣ!
Ватандорофари соҳибназар бош!

11.

Дар колбади тан ҷони маро, ёр, дарорӣ,
амри ту бувад аз рамақам ҷон барорӣ.
Бо амри ту бар қасри зарандуд нишинам,
Худро нашиносам, зада бе ҷома фарорӣ.

12

Мо дар қафаси чарх аз он бехабаронем,
Аз доми аҷал ҷаста раҳоӣ натавонем.
Дар банд дарорем якояк сари вахшон,
Аз доми азозил сари таслим нараҳонем.

*18.03.2011 с.*

## РОҒУН

Эй мардуми диловар, марду зани навовар,
Роғун зи ҳиммати мо гул мекунад саросар,

Ҳар қатра оби Вахшат нуру сурур бахшад,
Чун чашмасори кишвар, оби зулоли Кавсар.

Роғун адои нанг аст, Роғун нидои нанг аст,
Дар сангари вафояш фаттоҳиву тавонгар.

Нанги Ватан ту дорӣ, саҳмат дар он гузорӣ,
Ҷонам адои номат, барқ аз дилат баровар.

Бингар ба рахши Роғун, тозад ба азми афзун,
К-аз авҷу мавҷи барқаш рахшанда шамси Ховар.

Роғун ҷаҳони нур аст, ҳам шодиву сурур аст,
Халқи бузург дорад бар азми хеш бовар.

Ҳастӣ ту нурофар, ҳар лаҳза хубу беҳтар,
Тоҷат ба сар гузорам, эй тоҷики диловар!

Аз тору пуди Роғун дурру гуҳар кашидӣ,
Шод аст халқи кишвар, модар, падар, бародар.

*28.01.2010*

## РОҒУН

Гардуна гардон мешавад,
Олам чароғон мешавад,
Пурнур Роғун мешавад.
Ҳар қатра оби Вахш аз он
Дар дашту ҳомун мешавад.

Роғун муқаддас – хок ту,
Олимақому пок ту,
Барҷаста дар афлок ту,
Саҳмия меорам барат,
Олам шавад муштоқи ту.

Мошина омад шаш қатор,
Гардунаҳо бас бешумор,
Одам яқин, чандин ҳазор,
Бар гардани кӯҳи азим
Техника мебинӣ савор.

Саҳмиядоре, шав хабар,
Саҳме гузорӣ хубтар,
Эй тоҷики фархундафар,
Бар мулки худ бинмо назар,
Тобанда – нав шамсу қамар.

Дунёи мо дунё шавад,
Дарғоти нав пайдо шавад.
Чун кишвари дилҳо шавад.
Дар мулки олишони мо,
Шамсу қамар пайдо шавад.

Бодо шиорам, саҳмия,
Бошад ба корам, саҳмия,
Зӯру мадорам саҳмия.
Бас ҷилва кун барқи Ватан,
Садри киборам, саҳмия.

Мошинаҳо шасти ба шаст,
Ҳар як ба сони пили маст,
Кӯҳе бибинӣ гашта паст.
Ёри ватандори асил,
Саҳмия овардам ба даст.

Қоил бишав бар асри мо,
Кохи баланду қасри мо,
Барҷаста то арзу само.
Дарғоти Роғунро бибин,
Эй дил, насими дилкушо.

Кардӣ замоне доварӣ,
Аз худ намудӣ боварӣ,
Эй Вахш, вахшоноварӣ
Фармоямат, тоб оварӣ,
Дон, аз барам ҷом оварӣ!

Дарғоти Роғун канда шуд,
Ин вахши саркаш банда шуд,
Ҳар дилсиёҳ шарманда шуд.
Шодӣ фузуду бахти нек,
Қарсакзаниву ханда шуд.

*21.12. 09.*

## РОҒУН

Хез, Роғун рав, бародар, ҷони ман,
Боргоҳи нури нав бунёд кун!
Нур афшон аз кафи дастони худ,
Ёди нури оташи аҷдод кун!

Нур хуни оташи аҷдоди нек,
Хун маро дар тан зи аҷдоди ман аст.
Нур бунёди ҳама бунёдҳост,
Оташи ман, нур бунёди ман аст.

Посбони оташе буд аз азал,
Моми ман андар миёни хонадон.
Рӯзу шабҳо ӯ нигаҳбонӣ намуд,
То намирад нур боре ногаҳон.

Гармии ҷону танам беҳуда нест,
Нури он аз оташи хуни ман аст.
Боз аз он машъале афрӯхтам,
Машъали тобанда Роғуни ман аст.

Беш аз ин оё тавон гуфтан магар,
Нур боли тозаи парвозҳост.
Ҷон бародар, хез Роғун рав, ки он,
Нури оғози ҳама оғозҳост.

Бунёди Роғун амри замон аст,
Бар миллати мо чун имтиҳон аст.
Сарҷӯи нури ваҳдат бувад он,
Майдони фатҳу нусрат бувад он.

## АСРИ МАН

Аё, эй асри ман, моро ба ҳам ёру бародар хон,
Тифоқу ғамгусору ҳамдаму бо ҳам баробар хон.

Дили моро ба ҳам пайванд, то ҷону ҷигар гардем,
Чунон ҳам решапайванду тифоқиро саросар хон.

Куҷо ғамгиндиле, ёре, варо беғам бигардонӣ,
Гаҳи фархундагӣ-фархунда бо ёрони кашвар хон.

Сарафрозона бол афшонда шоҳинвор парвозам,
Адои ҳам, гадои ҳам, фидо бе дому сангар хон.

Агар иблис бувад ё аҳриман ӯро бизан барҳам,
Маро бар сӯи оғӯши бародар, сӯи модар хон.

Саманди зиндагӣ ронӣ ту дар сайёраи Аҳмар,
Парешон парчами тоҷикро бар сӯи ховар хон.

*6. 10.09.*

## ЗЕБО МАНЗАРИ МАН

Туйи ноҳия-зебоманзарӣ ман,
Бидодӣ аз азал болу парӣ ман.

Зудудӣ шишаи дилро зи сабқат,
Зудойи кин зи аъзову сарӣ ман.

Зи сабқат, Рӯдакихонам намудӣ,
Ҷаҳони ман, забонам, зеварӣ ман.

Ватан, як умр содиқи ту бошам,
Насозам манманиву бесарӣ ман.

Шабоне то саҳар бедор гардам,
Кунам иҷрои расми дилбарӣ ман.

Туро модар бигуфтам-модарастӣ,
Агар кайҳо бирафтӣ модарӣ ман.

Нависад сатрҳо аз ҷону аз дил,
Ба ту Солеҳи зебову фарӣ ман.

*9. 09. 2007.*

## АЗ КӢ ПИНҲОН МЕКУНӢ?

Дар барат санги фалохун, аз кӣ пинҳон мекунӣ,
Бо ҳазорон реву рангат қасди ишон мекунӣ?!

Дил надорӣ дар рамақ ту бо бадон ҳампешаӣ,
Бо кадомин сабқатат ту қасди ирфон мекунӣ?!

Ту намак хӯрдӣ зи хони кас, намакдоншиканӣ,
Бинамат, эй киначӯ, худ қасди имон мекунӣ!

Нобакорӣ ҳар куҷо, ин одати дерини ту,
То ба кай бар деҳу дар мардум парешон мекунӣ?!

Дар ҷаҳолат, аз накӯкорӣ туро ҳарфе нашуд,
Ин чӣ бадбахтӣ, бадиро то ба зиндон мекунӣ?!

*25.01.2009.*

## ЧУН НУРИ ИРФОН МЕКУНӢ?!

Эй чароғак! Ту чаро худкорӣ вайрон мекунӣ?!
Тифлаконро ин қадар сарсону ҳайрон мекунӣ?!

Нозирони раҳ аҷаб саргарми кори хештан,
Тифлаки ронандаро бе луқмаи нон мекунӣ?!

Ту малолиро надонӣ, эй чароғак-саркашо,
Роҳи ҳар ронандаро хоҳӣ, дурахшон мекунӣ.

Амру фармонат басе мардум итоат кардаанд,
Роҳи мардумро ҳамеша торикистон мекунӣ?!

Эй чароғак! Бош андар хидмати аҳли башар,
Хидмати ҷонон-Ватан чун нури ирфон мекунӣ!

*13.7.2005*

## ДИЛИ НОЛОНИ МАН

Бар сарам бинвишта бошӣ, холиқо, армони ман,
Зиндагии бо фароғат, талхии даврони ман.

Ҳар раҳи саҳву хатое рафтаам аз қисматам,
Сарнавишт, охир чӣ созам, мезанад бар ҷони ман.

Бар сарам бинвишта бошӣ донаи суду зиён,
Дасти кӯтоҳам маро пайваста дар ҳайрони ман.

Дар тануристи сина бардору занам бо аҳриман,
Моли мардумро кашонам, сӯзадам имони ман.

Ёри ман дар хонаву ёри дигар дорам ҳавас,
Шабчароғам ёри нав, бошад маҳи тобони ман.

Эй Ҳабибо, ман чӣ созам, аҳриман дар сина ҷо,
Тифлаконам бе ғизову холӣ монда хони ман?

Аз хазоин иддаеро додаӣ бас карру фар,
Хуни мардумрезро созӣ аз он хосони ман.

Қасри олишон агар созам ҳама дар зиндагӣ,
Эй чӣ донам, мебарам бо худ кафан, не сони ман?

Нобаробар тақсимотатро бибинам, эй Ҳабиб,
Меравад Солеҳи ту, монад дили нолони ман.

*2.01. 2003*

## БАС-БАС АКНУН МАНМАНӢ!

Бинамат дар баҳри пуртуғён, эй дил, боманӣ,
Шасту бозуе ту дорӣ, гӯямат: – «рӯинтанӣ!»,

Кас надонат ғайратат андар танури синаам,
Бинамат гаҳ дар қафас девора-нангин меканӣ!

Гаҳ равонӣ бо ҷадал дар домани кӯҳу дара,
Нестӣ Фарҳод аҷаб девори сангин меканӣ!

Гаҳ ба амре кардаӣ парвоз сад мулки дигар,
Эй ҷаҳонгарди хаёлӣ, бас-бас акнун манманӣ!

Бо матонат ҳар куҷо обод созӣ кишварам,
Донае пошида бошӣ, бинамат бо хирманӣ.

Дил тапон андар танури сина, то боди хазон,
Ту амонат аз маниву то абад ҷон меканӣ!

*21.01.2009*

## МОДАР – ЗАМИНАМ ДОДААНД

Шукри яздон андар олам одаминам зодаанд,
Дар миёни чор девори хасинам зодаанд.

Дасту по, ақли расо, ҳусну латофат баъд аз ин,
Шир аз пистони модар-ангубинам додаанд.

«Тайи-тай-по-по»-и модар раҳравонам карда буд,
Шӯълаи хуршеди ховар, оламинам додаанд.

То ба ҳадде гаштаам андар замину осмон,
Шукри яздонӣ кунам, модар-заминам додаанд.

Шукри беҳад саҷда бар яздони покам мекунам,
Дил нагунҷад дар қафас хулди баринам додаанд.

Лаҳни шевои дарӣ, ороми ҷонам, ин чунин,
Шаҳсавори қисматам, тоҷу нигинам додаанд.

Не, надидам аз вафодорӣ дар он тоҷу нигин,
Як замоне бингарам, хоки заминам додаанд.

*27.01.2009*

## АҚЛИ БАСАР МЕТАЛАБАД

Шеваи хотири ту нахли самар металабад,
Ҷилвагоҳи дили ту ақли басар металабад.

Бификан нафси наҳанги дуни бе рӯву риё,
Чунки аз ту ҳадафи ҳар шуру шар металабад.

Умр ширин гузарон, талху сабуксор машав,
Дили меҳрафкан аз он ширу шакар металабад.

Шиша пайвандӣ надорад, машикан шишаи дил,
Шишаи бишкаста з-он поро хатар металабад.

Рӯзгоре дар барат теғи ҳалоҳил бибарӣ,
Ин ҳавову ҳавасат, ҷои дигар металабад.

Бас ватандори асилам, мирам андар ватанам,
Ҳар ки не дар ватанаш, ӯро қадар металабад.

*8.02. 2009*

## ДИЛИ МОДАР

Азизи тафлакон он дил, дили модар,
Ба ҳар пайвандаки ҷон дил, дили модар.

Ақиқу лаълу марҷон дил, дили модар,
Садои барқи ғуррон дил, дили модар.

Баҳори резаборон дил, дили модар,
Ҷигарҳо пора, сӯзон дил, дили модар.

Бидидам модаре бо сад умед омад,
Зи заъфи пирӣ, бо мӯйи сафед омад.

Агарчи аз мадораш[1] ноумед омад,
Хаёлам, модарам, тобандашед омад.

Писар гум карда, ларзон, барги бед омад,
Сару садҳо хаёлон дил, дили модар.

Раиса-модаре фархунда-пире буд,
Насеҳогӯ, басе равшанзамире буд.

Зи ҳар равшанбаёнӣ бе назире буд,
Аҷаб дилҷӯ, зи нармӣ чун хамире буд.

Бари душман, вале барҷаста-тире буд,
Қарори беқаророн дил, дили модар.

---

[1] Мадор – Қувваи ҷисмонӣ.

Равам баҳри Ватан афсар шавам ман,
Бигӯям: – модаро, сафдар шавам ман.

Зи хизмат аз арақ лаб тар шавам ман,
Миёни одамон дафтар шавам ман.

Бари ҳифзи Ватан ханҷар шавам ман,
Ғами садҳо ҳазорон дил, дили модар.

Агар ёбам сухан бартар, ман он гӯям,
Агар дар Каҳкашон он, ахтарон гӯям,

Агар дар оби ҷӯ, баҳри дамон гӯям,
Зи ҳар донишвари давру замон гӯям.

Зи мулки дил, сухан аз модарон гӯям,
Бигӯям беҳтар аз он дил, дили модар.

*20. 11. 2002*

## АЗ ХУДОИ ЛОМАКОН ОЯД ҲАМЕ

Боз аз тарзи баёнояд ҳаме,
«Ёди ёри меҳрубонояд ҳаме».

Лаълу ёқути сухан аз кони дил,
Табъи шоир ҳамзамон ояд ҳаме.

Оли Сомону ҳадиси анҷуман,
Маҳваши олиҳагон ояд ҳаме.

Шӯҳратат чун кавкаби кону макон,
Аз фазо печидасон ояд ҳаме.

Дар ҳавои банду барбасти хаёл,
Мулку тасвири шаҳон ояд ҳаме.

Лаҳзае ояд Саноии ҳаким,
Аз фараҳ қоматхамон ояд ҳаме.

Бо саломи бо калом Мавлои Рум,
Шамси Табрезӣ равон ояд ҳаме.

Боз ояд панд аз пири хирад,
Табъ чун аз Каҳкашон ояд ҳаме.

Ибни Сино бо салому бо маром,
Ҷузҷонӣ давдавон ояд ҳаме.

Бо ҳакими Тӯсии пири хирад,
Рустаму Сӯҳробашон ояд ҳаме.

Ҳар сухан сарбаста гӯ, маънӣ ниҳон,
Ҳамчу Бедил нуктадон ояд ҳаме.

Дар бағал Ҷомӣ китоби ҳикматаш,
Бо Навойи бегумон ояд ҳаме.

Мешавӣ мафтуни дарёи сухан,
Аз Худои ломакон ояд ҳаме.

Найқалам тасвиргари ҳар анҷуман,
Анҷуманоро сарон ояд ҳаме.

Баҳри табрикат зи Хатлону Хуҷанд,
Аз Бадахшон ориён ояд ҳаме.

Печу тоб аз оби ҷайҳуни хаёл,
«Бӯи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме».

*9. 09. 2007*

# ЯКУМ

Бародарам – Муҳаммадрасул Нозимовро барои дар қатору аввалин аъзои ташкилотҳои шӯравӣ шуданаш дар маҳалла ва ноҳияамон Якум мегуфтанд.

Ӯ якумин шуда ба дастаи калтакдорони сурх аъзо мешавад, нахустин узви Шӯрои батракҳо, аввалин аъзои ТОЗ[1] буд.

Вай ҳангоми сохтмони стансияи барқии Варзоб, кандани Канали Калони Ҳисор бо аъзои бригадаи 55-нафараи худ рафта хизмати шоиста карда буд. Ҳар нимирӯзиву бегоҳ, пас аз кор бо ҷавонони шӯхтабъи худ дар назди мардум ҳунарнамоӣ мекард. Репертуари намоишкоронаш гуногунранг буданд. Баъзан бо унвони ҳаваскорон, шӯхтабъон ва баъзан бо номи тарона ва дубайтисароён, масхарабозон, яккасароёни колхози Совет ба мардум хизмат мекарданд. Мардум аз ин ҳунари санъаткорони ҳаваскор кӯфти кор мебароварданд.

Хусусан овози фораму дилкаш ва марғуладори ӯ ҳамаро ба ваҷд меовард. Шунаванда гумон мекард, ки ду-се нафар дар як вақт мехонанд, ба дилҳо фараҳ мебахшид. Дастаи ширинкорон Ҳалими Масхарабоз, Абдуллои Қаротегинӣ, Носири Чухтак, Мирзоалии Пачар, Имоми Азиз, Давлати Ғафур, Мирзоёри Олуфта, Худоёри Дойрачӣ ҳангоми бо дойра таронахони Якум нақарот мехонданд. Бародарон Абдурозиқ бо қӯшнай, Искандар бо тӯла навохта, тамоми мардуми каналкобро ба ин маҳфил ҷалб менамуданд. Якум бо дойра замзама мекард:

> Зимистон ман намирам, сахту зор аст,
> Баҳорон ман намирам, лолазор аст,
> Гулу себарга қолини баҳорӣ,
> Гули савсан айёми рангу бор аст.

---

[1] (ТОЗ – Товаришеское обработка земли-коркарди рафиқонаи замин)

Ду сатри охиринро ҳама бо як овоз такрор мекарданд:

Гулу себарга қолини баҳорӣ,
Гули савсан айёми рангу бор аст.

Якум:
Канал омад тақозои замона,
Ба ҳар даргаҳ шавад обе равона,
Ҷавонон, эй ҷавонони ягона,
Бисозед рақсу бозиву тарона.

Ҳама:
Ҷавонон, эй ҷавонони ягона,
Бисозед рақсу бозиву тарона.

Якум:
Баҳорон ман намирам, ки баҳор аст,
Садои дил бари бӯсу канор аст,
Чаман гулпӯш ояд дар баҳорон,
Гулу булбул ба ҳам масти хумор аст.

Ҳама:
Чаман гулпӯш ояд дар баҳорон,
Гулу булбул ба ҳам масти хумор аст.

Якум:
Баҳорон ман намирам, вақти кор аст,
Ҳама ҷо дар ҳузури нангу ор аст,
Равад оби канал дар дашту водӣ,
Бунафша дар лаби ҷӯ интизор аст.

Ҳама:
Равад оби канал дар дашту водӣ,
Бунафша дар лаби ҷӯ интизор аст.

Якум:

Даруни боғу роғам, ёр дорам,
Бунафша, наргиси дилфор дорам.
Худоё, ман намирам, эй Худоҷон,
Ширинрӯ дилбари дилдор дорам.

Ҳама:
Худоё, ман намирам, эй Худоҷон,
Ширинрӯ дилбари дилдор дорам.

Якум:
Ба тобистон намирам вақти кор аст,
Замин дар чангу беду ҳамли бор аст.
Саросар бор оварда дарахтон,
Табиат аз пайи нақшу нигор аст.

Ҳама:
Саросар бор оварда дарахтон,
Табиат аз пайи нақшу нигор аст.

Якум:
Намирам тирамоҳи он зарин аст,
Ҳама ширу шаробаш ангубин аст.
Чу мавҷи баҳру дарёи хурӯшон,
Ҷилои ғаллааш сеҳрофарин аст.

Ҳама:
Чу мавҷи баҳру дарёи хурӯшон,
Ҷилои ғаллааш сеҳрофарин аст.

Якум:
Лабат қанду лабат қанду лабат қанд,
Харидорат манам, қимат бигӯ: – Чанд?!
Харидорат манам дар шаҳру бозор,
Хуросону Бухорров Самарқанд.

Ҳама:
Харидорат манам дар шаҳру бозор,
Хуросону Бухорову Самарқанд.

Канали Калони Ҳисор анҷом ёфта, ба заминҳои ташналаб оби ҳаётбахш оварл, Ҷанги Бузурги Ватанӣ идома меёфт. Сохтмончиёни канал боварӣ доштанд, ки ин корнамоии онҳо дар оқибгоҳ, обёрӣ шудани заминҳои нави пахтаву ғаллазор як саҳми хоксоронаи онҳо барои ғалаба бар душмани манҳус мешавад ва иди зафар аз ин ғалабаҳои меҳнатӣ тар-киб меёфт.

*(Аз хотираҳои Солеҳ Бобизода-истиқомат-кунандаи деҳаи Гулистон, ноҳияи Ленин).*

*Аз китоби «Сарчашмаи файзу саодат»*
*Душанбе – 2001*
*Муаллифон: – Алиев Қ. Одинаев С.*
*Солеҳ Бобизода*

*22. 02. 2009*

## ИЛҲОМ АЗ «САДДИ ХАТЛОН»

«Ман, собиқадори меҳнат, як тан шоири рустоӣ китоби ба тозагӣ нашршудаи адибони шинохта Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин «Садди Хатлон»-ро бо як нишаст хонда баромадам.

Илҳомам ба ҷӯш омаду зуд қалам ба даст гирифта, ин чанд пораро рӯи қоғаз овардам.

Чу соли ду ҳазору шаш даромад,
Худ иди бостон-Хатлон баромад.

Шумор аз сеҳазорӣ сесадаш кам,
Шудӣ ин ҷашни фирӯзӣ дар олам.

Худ ин Хутталзамини хурди таърих,
Ба сӯйи худ кашад аҳли муаррих.

Аҷаб ҷойи муқаддас боядат гуфт,
Ки воқеоти нангин н-омадӣ муфт.

Ба ҷуз аз романи «Восеъ»[1] дар ин марз,
Набудӣ романе бошад ба-дин тарз.

Бари хондан набудӣ романе боб,
Ки гӯяд аз набарди халқи Кӯлоб.

Кунун омад ба дасти мо китобе,
Будӣ асрори дур андар ниқобе.

Кушодӣ сирру асрори нуҳуфта,
Гиреҳи пардаҳойи но-нагуфта.

[1] Муаллифи Роман Сотим Улуғзода.

Ато Ҳамдам ва Леониди Чигрин,
Намудӣ сабқати таърих дерин.

Сазовори вуҷуд алқисса гуфтанд,
Ҳақиқатро бадеӣ дода суфтанд.

Араб кардӣ мусаххар, банда Эрон,
Фикандӣ зери поҳо парчами он.

Абӯбакри Умар, Усмону Ҳайдар,
Гирифтӣ он замин бо зарби ханҷар.

Бидонад бум аз он қарни гузашта,
Аз он қарни қадими банда гашта.

Ба сад фикру хаёлоти парешон,
Сулаймони хилофаткори ҳайрон.

Ҳамехоҳад дар он ҷое бимонад,
Аз он ёрони пайғамбар намонад.

Абӯбакру Умар, Усмон Алӣ ҳам,
Ҷаҳад боло, бигирад ҷойи маҳкам.

Қаду бар, қомати зебанда дорад,
Вале мушкил дар он ҷо по гузорад.

Чу деге рӯйи оташдони ҷӯшон,
Ҳамеҷӯшад зи гармӣ мулки эшон.

Вале Бағдод агар маъво бигирад,
Ҷаҳонро дар тасарруф ҷо гузирад.

Парафшон парчами сабзи зафарманд,
Ҷилоафкан дар Осиёи Хурданд.

Аз он ҷо молу амволе рабуданд,
Зи қашшоқӣ ватандоронш мурданд.

Хабар овард қосид аз Хуросон,
Ва молу ҳадяҳо, ганҷе фаровон.

Расонд ӯ бар Сулаймони Халифа,
Зару зевар, маводи мухталифа.

Бигуфт: – Эй машъалорой зафарманд,
Ту зӯри мо дар атрофи Самарқанд.

Ва гуфт: – Эй сафдари ислому динӣ,
Шариатовари дини мубинӣ.

Задандӣ бо яроқу манҷаниқсанг,
Гирифтӣ зери чангаш мисли харчанг.

Вале деворҳояш сар бар афлок,
Басе ҷанговаронаш чусту чолок.

Сулаймон аз ғазаб худро нигаҳ дошт,
Ҷаҳид аз ҷо, нигаҳ бар сӯи раҳ дошт.

– Магӯ «шаф-шаф», бигӯ аз нома дар сар,
Куҷо шуд он араб мардони сафдар?

Пасон гуфто: – Гунаҳ аз ту набошад,
Сарӣ лашкаркашат носуфта бошад.

Кунун қосид бигуфташ пӯстканда,
Вале бо эҳтироми хоси банда.

Шабохун мезадӣ моро зи ҳар ҷо,
Фалаҷ кардӣ асоси қувваҳоро.

Набигзоранд лашкар дам бигирад,
Каме як шаб дами беғам бигирад.

Ба фармони Саид лашкаркаш Усмон,
Қарори сулҳ барбастӣ ба суғдон.

Ғуломони асирафтода ҷастанд,
Ҳама дарбону дарҳоро шикастанд.

Саид Усмон-шуҷоъро сар буриданд,
Пасон пури далере бардариданд.

Сулаймон он замон тавре ҷаҳидаст,
Дареғогӯ шуда рангаш паридаст:

– Дареғо аз Саиди ибни Усмон,
Бикушт ӯ душмани дунро ҳазорон!

Аҷаб халқони нофаҳманд суғдон,
Ғаминанд аз бари як газ заминшон.

Агар шамъи басират бар фурӯзӣ,
Чу маркабҳо надонандат бисӯзӣ!

Бари онҳо ҳадис аз дин биёред,
Дари ҷаннатравиро вогузоред.

Куҷо донанд онҳо қимататро,
Куҷо донанд арзи ҳиммататро?!

Сулаймонро басе фикрони мағшуш,
Кашид он сон маишат шуд фаромӯш.

– Битарсад ибни Муслим аз Самарқанд,
Ки девори баланди он назарбанд.

Битарсад ӯ зи Хоразму Хуталлон,
Бухорову зи суғду парчами он.

Ҳамегуфт ӯ – «харон»-ро дил ба даст ор,
Ба дом омад, бизан бо теғи ҷаррор!

Ба дом овар «сари харҳо» тавонгар,
Чу моилат бишуд, ӯро бизан сар!

Касе тоат наовард амру фармон,
Бизан ӯро ба зери теғ дармон!

Зи нав орост дар Бағдод лашкар,
Ҷавонони арабзодони сафдар.

Миёни лашкари онҳо ҷавоне,
Ҷавоне чорпаҳлӯ, паҳлавоне.

Зи бозу мӯйи мушкинаш хамида,
Чунин ҷанговареро кас надида.

Қади болову чашмони сиёҳаш,
Аҷаб зебанда буди ҳар нигоҳаш.

Бипурсидаш Сулаймон: – гӯ, кӣ ҳастӣ,
Далеру навхату ҷанговарастӣ?!

Ҷавобаш дод: – Марвони Қурайшам,
Маро бе амри ҳазрат талх айшам.

Пас-он гуфташ: – Ту аз қавми Набийи,
Зи авлоди Набийиву Алийи!

Ту аз қавми салаллоҳи васаллам,
Бибояд парчами мо гирад олам!

Агар дастони ту сахтанду маҳкам,
Баландовоза гардӣ мисли парчам.

Шумо, худ, тухми ваҳшат, марг коред,
Зару зевар зи ваҳшат канда оред.

Дуо дод он худ аҳкоми шариат,
Ниёиш бар шумо амри ҳақиқат!

Шумо, донам, ки мағлубӣ надонед,
Худоро аз пайи хубӣ бихонед.

Ниёиш карда бар рӯҳо кашиданд,
Саросар лаззати омин чашиданд.

Чу зери парчами Парвардигоред,
Ҷаҳонро зери парчамҳо гузоред!

Равон уштур, равон аспу ароба,
Равон панҷо ҳазор оил хароба.

Чу ғасби Мовароуннаҳр карданд,
Ҳазор андар ҳазорон ҷон супурданд.

Ва мақсадҳо намудӣ ҳар як аз дил,
Зару зевар, хазоин, ҷою манзил.

Аҷаб мӯру малахосо раванда,
На ваҳшӣ, бадтар аз ваҳшӣ даранда.

Аз он манзилгаҳе лашкар гузар кард,
Буд ободӣ, варо зеру забар кард.

Намондӣ як нишон аз меваю боғ,
ба ҷуз вайрона, ҷо-ҷо қар-қари зоғ.

Чу қудрат ҷамъ шуд андар Хуросон,
Алайҳи душманони ҷону имон.

Бигуфтӣ: – Лашкари Парвардигор аст,
Алам андар ҷаҳон даҳ то ҳазор аст.

Араб онҳо, араб зоди Урайба,
Пазируфтӣ ба хушнудӣ Қутайба.

Бихонд ӯ нома-пайғоми Сулаймон,
Дареғо аз Саид он ибни Усмон!

Самарқандӣ кунун ояд ба таслим,
Хиҷолат ар кашидӣ ибни Муслим.

– Шумо ҷанговари Парвардигоред,
Муқобилро ба зери по гузоред!

– Ту кӯчие бигирӣ хонаву дар,
– Ҳамоно ту бигирӣ боғу манзар.

Миёни лашкари омад бидид ӯ,
Қаде боло, ҷавоне чорпаҳлӯ.

Қади боло, рухи зебанда дорад,
Вуҷуде пурҳарорат ханда дорад.

Зи қавми он Набӣ будаст Марвон,
Қабоили Қурайшист он худ эшон.

Бигуфт ӯро Қутайба ибни Муслим,
Бисоз он лашкари душман ту таслим!

Агар зӯрии дастат мустамираст,
Шиори рағбати ту дилпазираст.

Намоиш дода мактуби хилофат,
Вале ботин бигуфтӣ: – не налофат.

Тавофид ӯ бихонд амри Халифа,
Сухан пурмағз будӣ мухталифа.

Бидид ӯ се ҳукумрони хилофат,
Қутайба ибни Муслим ин халифат.

Фақат ӯ паҳн кардӣ дини ислом,
Ҳарифаш пеши ӯ будӣ алифлом.

Зи ҳарбу зарби ҷанг он ҷо, ки дураст,
Хаёлаш ҷангу хунрезӣ ҳузураст.

Биё андар миёни маргу офат,
Ту хун резу бубар номи хилофат.

Ба худ оҳиста гуфт оли Хуросон,
Нишинӣ ту ба як ҷо гуфтан осон.

Гази ханҷар ба дандонат ҷаҳӣ тор,
Сари девори қалъа ҷои пайкор,

Ту донӣ қимати хуни шаҳидон,
Бидонӣ ҷанги фардону «палидон»?

Гирифт ӯ Суғду Хоразм, Истаравшан,
Ки мардум омадӣ бе теғу ҷавшан.

Сари тасхири ҳар шаҳре баромад,
Зи арконаш талаб кардӣ даромад.

Гаравгон оварид аз он ҳазорон,
Биҷангонид сӯи хешу ёрон.

Занад теғе бародар мубтало беҳ,
Қафо гардад, сараш аз тан ҷудо беҳ.

На танҳо шаҳри худ созад гирифтор,
Араб омад кунад худро чу саг хор.

Араб омад, макун хунхор сардӣ,
Ҷазо гирӣ агар сар хам накардӣ.

Вале гоҳе будӣ андар Хуросон,
Убайдулло Зиёди пур ҳаросон.

Бухорозан варо бас фидяҳо дод,
Қафо омад аз он фархундаву шод.

Саиди ибни Усмон аз Хуросон,
Гузар кард аз Амударё чи осон.

Гирифтӣ ӯ ҳам атрофи Бухоро,
Бухоро фидя дод, он ҳам гуворо.

Қафо гардид волӣ з-он наҷангид,
Бухоро муддате озод гардид.

Бигуфто ӯ: – На, ман бо зан наҷангам,
Ва волии Хуросонам, ба нангам!

Ҳарисии Саиди ибни Усмон,
Бухороро наовардӣ мусулмон.

Кунун омад Қутайба ибни Муслим,
Бухороро задӣ, овардӣ таслим.

Зи ҳар ҷо лашкари ҷанговар орост,
Задӣ шаҳри Бухоро чанг бархост.

Бифармудаш Қутайб инро надонад,
Маликат пеши ман, гӯ, сар бимонад!

Ҳазорон омадӣ будӣ табарзан,
Гаравгони қазову ҳам қадарзан.

Вале будӣ варо найрангу афсун,
Ба дом омад, задӣ мардум зи ҳар сун.

Виқору кин дусад найрангу тазвир,
Задӣ сад турку сад афроди бепир.

Чунин гуфт ибни Муслими тавонгар;
– Манам орандаи дини паямбар.

Бари сабқат зи Искандар сабақ ҷуст,
Чаро Искандари Мақдун шудӣ руст?

Забони сарзамини Шарқ омӯхт,
Аз он ӯ сабқати баҳру бар омӯхт.

Сикандар худ зи шарқӣ ваҳдат омӯхт,
Зи суғдидухтарак ӯ шафқат омӯхт.

Варо лашкар аз ин рӯ тарк бинмуд,
Ки парвойи ҷалолу арк нанмуд.

Бигуфто ибни Муслим ман на онам,
Даме бар доми суғдизан бимонам.

Задӣ шаҳри «мисандуд»-оти Пайканд,
Бишурондӣ ба ҳам ёрону пайванд.

Задӣ ҳар як қабоил бо қабоил,
Задӣ тавре басе манзил мароҳил.

Бишӯрондӣ амире бо амире,
Бишӯрондӣ вазире бо вазире.

Ба хун оғушта гардонид мардум?
Зару зевар рабуду бору гандум?

Гирифтӣ Мовароуннаҳр он сон,
Намудӣ ҳар куҷо халқе парешон.

Кушуни Балх, Шумону Чағонӣ,
Гузаштӣ бо араб баҳри амонӣ.

Асирафтодагон ҳам бешуморанд,
Ба ҷуз аз мӯяву ғам дам надоранд.

Зи ҳавли ҷони худ ҷастӣ ба боло,
Ҷаҳидӣ ҳар кадом он зинаҳоро.

Вале пайкандиён андак набуданд,
Зи боло оби ҷӯшандаш фузуданд.

Задӣ бо найза, шамшери ҳалоҳил,
Сарони ҳамватан, аз он чӣ ҳосил.

Намудӣ ҳар яке з-он қаҳрамонӣ,
Яқин омад накард, омад хазонӣ.

Куҷо сабқат, дар он ҷо кушта гаштанд,
Ба хуни хештан оғушта гаштанд.

Яқин марги муаллақ омад аз бун,
Куҷо шафқат, бигаштӣ ғарқаи хун.

Арабҳои малаххӯр ҷо гирифтанд,
Зару зевар, замин савғо гирифтанд.

Араб омад-араб омад худодод,
Кучо халқи муқимӣ гашт бар бод.

Набишнидӣ ягон номи адолат,
Ба ҷуз ғоратгарӣ, қатлу разолат.

Фано шуд Мовароуннаҳр аз ин ҷанг,
Аз ин ҷанги бадоини арабчанг.

Ато Ҳамдам ва Леониди Чигрин,
Кушодӣ қалби бераҳмону сангин.

Яке кӯшад бари бум, деҳаву дар,
Яке тилло биҷӯяд, молу манзар.

Яке андар талоши кандани ҷон,
Канонад он яке моли фаровон.

Чаро ту андар ин дунёи фонӣ,
Канӣ молу маноли мардумоне?

Ҳалоле ё ҳаромон фарқ набвад,
Ба ҷуз куштан дилашро завқ набвад.

Азоби рӯзи маҳшарро ту донӣ,
Чи сон ту андар он ҷо дар намонӣ?

Чу Қуръони Худо боке надорад,
Худоҷӯро ба инсофаш дарорад.

Худо худ банда-инсоф офаридаст,
Ба инсон фарзи имон оваридаст.

Ду-се ҳарфе кунун дар ришта орам,
Каме аз ҷанги пайкандӣ биёрам.

Зи шӯри тирбозу ҷанги Марвон,
Задӣ душман, басе куштӣ фаровон.

Таги девори қалъа рахнае шуд,
Ба Пайканд ӯ даромад, аввалин буд.

Бидид ӯро Қутайба ибни Муслим,
Бигуфто: – Хуни обои ту Муслим.

Хадангу манҷаниқзан кор додаст,
Зи зарбаш бораи қалъа фитодаст.

Набарди тан ба тан омад ба поён,
Араб шоду муқимӣ чашми гирён.

Зи ҳалқуми ҳазорон аҷнабиён,
Нидои шодмонӣ карда ғалён.

Зафаровар чу байроқи парафшон,
Қутайбаш мезадӣ шамшери ҷавлон.

Чу лашкараш кунун ӯ сарбаланд аст,
Кунун назди халифат арҷманд аст.

Зи санги манҷаниқу кӯби девар,
Набинӣ хонае набвад валангор.

Бубин печанда ҳар ҷо дуду оташ,
Ту гуфтӣ: – кӯчасӯзе монда хокаш.

Ва ҷо-ҷо дуди печони ғализе,
Бипечад дар фазо сӯзанда чизе.

Наҳифу нотавоне, бин нуҳуфта,
Зи тире, санги парроне бихуфта.

Ва ҳар ҷо одамоне мурда хобанд,
Сагоне дар ба дар соҳиб бикобанд.

Сагон аз бӯи хун девона гаштанд,
Зи ҳар ҷо, нӯлакаш, бинӣ гузаштанд.

Аз он лашкаркаши номӣ наоҳид,
Ва табъи нозукаш қадре накоҳид.

Харобиву харобориӣ бисанҷад,
Аз он марговариҳо шод гардад.

– Агар бо мо муқовимат накардӣ,
Наовардӣ араб ин гуна сардӣ.

Чу лашкаркаш бифармуд ибни Муслим,
Миёни шаҳр оред аҳли таслим.

Миёни шаҳр получон бидидаст,
Зи ҳайрат лаб ба дандонҳо газидаст.

Асирафтодаҳо бо ҳам сари хам,
Куҷо худ аҷнабӣ аз ханда беғам.

Халондӣ дар баданҳо неш найзад,
Паси шамшери кин, гуфтӣ-биарзад.

Бибин сарлашкар он ҷо бо кароҳат,
Сари тафсидааш дорад ҳарорат.

Ҳамин получакони шаҳри Пайканд,
Наход инҳо ба мо даҳ моҳ ҷанганд!?

Араб бо лашкари зӯру тавоно,
Паси девор во мондӣ даҳонро!?

Куҷо шуд боварии ибни Муслим,
Қариб ин лашкараш ояд ба таслим?

Қариб андар масоф омад насозанд,
Дари ҷаннат ба рӯҳо боз созанд.

Кунун гуфто Қутайби муттакаббир,
– Шуморо ман намесозам хавотир.

Вале ҳар кас равад ин ҷо биёрад,
Зару зевар, хазоине ки дорад.

Чунон омад басе чоши хазоин,
На дар Бағдод дидӣ на Мадоин.

Ва ҳар ҷо чоши нуқра, чоши тилло,
Рабудӣ чашми ҳар бинандаеро.

Ҷилои лаълу ёқуте, зумуррад,
Ки садҳо бори уштур мебаромад.

Сифоти ҳар яроқи Суғд боло,
Баромад то ба Ҳинду, Чин, арабро.

Накӯ омад кушоишҳо сарифол,
Кашондӣ то араб он молу амвол.

Мулоқӣ гашт сарлашкар ба Марвон,
Зи гуфтори накӯ рангаш шуд алвон.

Бидидам ҳарбу зарбатро фаровон,
Ба паймони қурайшиҳойи Марвон.

Чи подоше ба хидмат бахшамат низ,
Талаб бинмо зи ман хоҳӣ ту ҳар чиз?!

Ҷавобаш гуфт Марвон бо тавозу,
Расидам он чи будам баски некӯ.

Кунунам дар сафи хеш артиши хеш,
Ва шодам дар сафи худ бо сафи пеш.

Ҳамехоҳам туро рухсат, ки бошад,
Занам ханҷар, сари дунон бипошад.

Шунид инро Қутайба ибни Муслим,
– Чуноне зан, намо душман ту таслим!

Бигирӣ гурзу кӯбияш чунон мард,
Ба гардун хезад аз андоми дун гард.

Арабҳо бо садои: – Офарин бод,
Бигуфтанд: – Офарин бодо, бишав шод!

Равон андар сафар гардуна бисёр,
Вале гардунаҳо афтода аз бор.

Дару дарвозаҳоро з-он набастанд,
Арабҳо дар миёни шаҳр ҳастанд.

Алайҳи душмани ғаддор бархост,
Ватандоре чи сафҳое биорост.

Арабҳо панҷ фарсах раҳ нарафта,
Задӣ он аҷнабиёнро бибаста.

Сараввал қувваҳо будӣ баробар,
Задӣ бо лашкари душман саросар.

Басе омад чуноне кушта гардид,
Чу хасдарза зи одам пушта гардид.

Задӣ Марвон алайҳи душман он сон,
Муқобил монда бе ҳолу ҳаросон.

Ба хун оғушта пайкандӣ чуноне,
Надидӣ аз ватандорон нишоне.

Занону кӯдакон кам монду пирон,
Зи сабқат пир не, равшанзамирон.

Намуд андеша бас фикрони мағшуш,
Набитвонад варо Марвон фаромӯш.

Чаро мардум ҳаёти худ надонанд,
Магар онҳо ҳақиқат пеш оранд?

Назар афканда бинем ар ба Хатлон,
Ҳазору сесадаш рафтӣ пас аз он,..

Миёни оби Вахшу Панҷдарё,
Замини сабзу зебое буд он ҷо.

Будӣ ҳам хони Вахшону Қубодён,
Будӣ шоҳи Хутал Бадрони Тархон.

Варо лашкар будӣ панҷо ҳазорӣ,
Ватанпарвар, чу сарбози қаторӣ.

Сикандар аз бари ғасби Хуталлон,
Гаҳи омад қафо гардида нолон.

Ҳамон боғу ҳамон роғи ба нурам,
Биҳишти адн гуфтӣ дар ҳузурам.

Аҷаб аспони зебо-ҷойдорӣ,
Гули Бодом ҳам зоти саворӣ.

Аҷаб кӯҳҳои пурфайзеву доро,
Басе тилло, зумуррад, лаъли лоло.

Намак андар макони Хоҷа-Мӯъмин,
Сафеду лаззаторову булӯрин.

Агарчи беадад лаззат бигиранд,
Ва гуфтӣ: – заррае аз кон нагиранд.

Раҳи он Хоҷа-Мӯъмин деҳа ҷоест,
Зеробӣ деҳи таърихӣ баҳоест.

Замину чашмасори бас фаровон,
Чарогаҳ, чорпо, бас ғаллаву дон.

Басе марди ҳунармандеву моҳир,
Барад дасти ҳунар ақлат чу соҳир.

Туҷҷорӣ ҳам дари савдо кушодӣ,
Лиҳозо, зиндагӣ сайқал бидодӣ.

Тамоми меваҷоти рӯи олам,
Будӣ он ҷо ҳузури ҷони одам.

Сафорат ҳам аз ин раҳрав гузаштӣ,
Раҳи абрешими баҳру барастӣ.

Гаҳе мӯру малахсо кӯчиёне,
Шудӣ бар ғорати Хатлониёнӣ.

Алайҳи кӯчиён Хуттал бихезад,
Аз ин деҳи Зеробӣ мегурезад.

Набитвонист овардан харобӣ,
Дар ин деҳи худододи зеробӣ.

Гаҳе аспони номиро харидор,
Нагуфтӣ: – қимат аз иқдоми бозор.

Ду ҳавлӣ буд дар ин деҳи Зеробӣ,
Агар номоваринашро ту кобӣ.

Яке ҷанговари собиқ буд Эрван,
Агар гӯям бари равшан зудудан.

Алайҳи кангюҳӣ ҷанг кардаст,
Зи як чашми сараш маҳрум гаштаст.

Паи шамшер андар як бари рӯ,
Будӣ к-аз он нишони ҷанги кангӯ.

Гаҳи сисолагӣ даҳ сол аз ин пеш,
Гирифтӣ аспи кӯчӣ аз бари хеш.

Шудӣ кӯчӣ шағолосо гурезон,
Ба сад ғору ҷаре афтону хезон.

Гаҳи ромоваридан асп барҷаст,
Чу оҳуе ҷаҳад аз кӯҳ бо шаст.

Парид Эрван зи тори асп он гаҳ,
Надонист ӯ занад аспаш ба ногаҳ.

Ду сум омад бизад бар ҷои мардӣ,
Ки Эрванро даме беҳол кардӣ.

Табибе буд андар деҳа марде,
Варо «Роҳанги лоғар» гуфт фарде.

Табибӣ кард Эрванро Раҳангӣ,
Сутурде ҳам нашуд он марди ҷангӣ.

Кунун Эрван сари бе зан бимондӣ,
Сари танҳо, куҷо бас кас бихондӣ.

Дару кунгура боғоти шаҳона,
Биафзояд, аминам, зеби хона.

Бари хидмат камар барбаста даҳ тан,
Каси бинанда гӯяд: – ваҳ, чу гулшан.

Варо ҳамсоя деворе ба девор,
Дар ин деҳи Зароб Артони – солор.

Қаду қомат баланду хуш тануманд,
Ба риши ғуллию бозуи фарманд.

Будӣ фархундакешу фарди доно,
Сухандон, сафдару зӯру тавоно.

Ба сони ӯ набуд андар сафар мард,
Самарқанду Бухоро, Марв мегард.

Хабар омад арабҳо корвонро,
Задӣ туҷҷору ҳам хизматгоронро.

Раҳи Марву Бухоро шуд баҳона,
Пасон Артон набаргаштӣ ба хона.

Бимонд аз ӯ ду фарзанде ягона,
Ду фарзанд аз падар мондӣ нишона.

Аз он бигзашта як соли муқаддам,
Ду фарзандаш будӣ раҳпо мусаллам.

Ва Ковусе бигуфтӣ-чун падар буд,
Ҷавоне хушқаду зебо назар буд.

Шудӣ Ковус марди бистсола,
Ба фарҳангу адолатро қабола.

Расидӣ синни духти ӯ ба ҳаждаҳ,
Ту гуфтӣ: – моҳро бурдаст аз моҳ.

Варо номи накӯяш буда Фаврӣ,
Чу модар бо табассум моҳ-саврӣ.

Ғуломонаш басе чолок буданд,
Ба хидмат ҳам яқинан пок буданд.

Зудудӣ сабқати қалби ғуломон,
Бидодӣ молу амволе фаровон.

Нуфузи мардумон андар Зиробӣ,
Гувоҳӣ даҳ ҳазор онро ту ёбӣ.

Чу Зарробӣ будӣ андар Хуталлон,
Будӣ чандин ҳазор осудаҳолон.

Чунин гуфтӣ зи воқеоти нангин,
Ато Ҳамдам ва Леониди Чигрин.

Намондӣ андар ин роман нагуфта,
Кушодӣ сирру асрори нуҳуфта.

Кушодӣ сабқати мардони Хатлон,
Набудӣ он нагуфт аз сангари он.

Дар ин ҷанги шадиди беадолат,
Араб бархе биовардӣ разолат.

Вале мардум-ватанпарвар, баномус,
Нарафтӣ то ғулом афтиву побӯс.

Гувоҳӣ дод таърих аз чунин ҷанг,
Араб афтода буд андар раҳи танг.

Ки мегӯяд-араб мағлуб нафтад,
Ба пеши пой мисли тӯб нафтад?

Чу шоҳони Хутал он Бадри Тархан,
Камонхезу камонгиру табарзан.

Тамоми мулки шоҳӣ гашта дидаст,
Алайҳи душманаш лашкар кашидаст.

Варо панҷо ҳазор артиш будӣ беш,
Алайҳи душмани дуни бадандеш.

Арабҳо чун вабо, боде кароҳат,
Заданд андар сари мардум ҷароҳат.

Қафо гардем аз он ҷое нагуфта,
Намонад дар панаҳ ҷое нуҳуфта.

Суханро дар тарозу баркашиданд,
Аз он ченак басе лаззат чашиданд.

Зи таърихи гузашта турку тоҷик,
Бидодӣ равшанӣ будӣ чу торик.

Табибаш ҷониби Эрван бигуфтӣ:
– Ту ҳайси мардӣ аз андом рӯфтӣ.

Вале бошад зане чун маҳпарие,
Зи суғдӣ бошад он нахли дарие,

Агар ояд рамақ-ҳайзат аҷиб аст,
Ва гар не, мо надонемаш насиб аст.

Канизакдухтаре овард Эрван,
Зи шаҳри Мунк савдогар ба дурман.

Варо Эрван бубояд ёр созад,
Ва ҳайси мурдаро бедор созад.

На ораз, – оразе чун пахтасебе,
Лабонаш бар табассум дилфиребе.

Ду чашмонаш чу қумрии дарие,
Аҷоиб дилбаре, гуфтӣ: – парие.

Басе мӯҳои тиллоранговар,
Хаёлат бадр он ё шамси ховар.

Қадаш чун химчае, сарви равоне,
Ҷамолаш бингарӣ ороми ҷоне.

Ҳамоно гуфт Эрван: – ин на он аст,
Ки ҳар олинасаб пешаш ғулом аст.

Шунидам номи духтарро чу Отин,
Бигуфтам номи ӯ Оҳӯи Заррин.

Тамоми зиндагӣ сарфаш намоям,
Дари дилро ба рӯйи ӯ кушоям.

Ва муштоқи ҷамоли ӯ шуд Эрван,
Туро, гуфто, ҳамеарзӣ сутудан.

Варо асрори некӯ монда дар дил,
Надонад пой, гӯё монда дар гил.

Тамоми зиндагиро сарф бинмуд,
Вале аз меҳр варзидан на як суд.

Даруни қарз Эрван монда будаст,
Аҷаб ноомаде, он мефузудаст.

Талабгори каниз омад тилодор,
Харидори чи бисёре ба хирвор.

– Фурӯш, аз қиматаш даҳ раҳ бикаш беш,
Машав бар раҳгузарҳо ту бадандеш!

Қабулаш не!... Варо хуб таъна карданд,
Задӣ қарсак, гаҳе хуш шаъна карданд.

Чунин ҳолат ба Эрван мезадӣ сахт,
Дареғо, барнамегардад варо бахт.

Даруни боғи хушдевари маҳбус,
Чи шаҳдухтар, ки чун маҳ дид Ковус.

Гаҳи ҳар ҷунбуҷули кори боғаш,
Шудӣ зарринамӯро дар суроғаш.

Алангатзан шуд ӯро оташи ишқ,
Фузудӣ дар вуҷудаш ҳолати ишқ.

Гаҳе тори дарахте мебаромад,
Шудӣ бегаҳ аз он ҷо кай фаромад.

Даруни боғ Отин сайр мекард,
Ҷамолаш аз бари ӯ хайр мекард.

Фурӯғи рағбати он маҳваш он сон,
Ба ҷонаш ҷо шудӣ, бо гуфтан осон.

Буд ӯро лаҳзаҳои интизорӣ,
Буд ӯро лаҳзаҳои беқарорӣ.

Ки Отин кай ба сайри боғ ояд,
Дари ганҷинайи ду дил кушояд.

Бари як ноки ширин чидан Отин,
Қариб афтад зи тори зина он ҳин.[1]

Муаллақ монда ду по шуд авезон,
Чу рафт он зина дур аз зинапомон.

Нафирӣ он маҳи тобон баромад,
Ҳамон Ковус аз боло фаромад.

Ҳамон дам барҷаҳад Ковус аз ҷо,
Чу шоҳине парад сад теғаеро.

Ду пойи духтарак бар зина омад,
Ҳамон сӯйи ҷавон меҳраш фаромад.

Ду даст андар ду соқи духтар омад,
Миёнашро қапид осон фаромад.

Аҷаб фоле зи ғайбе омади бахт,
Ва Ковусӣ бувад ин тоҷу ин тахт.

Ду тир андар ҳадаф гӯё расидаст,
Аз он мурғи ду дил шаҳде чашидаст.

Биафзуд оташи ишқи ду дил зуд,
Бигуфтӣ: – ишқи печони чаман буд.

Ва гуфто: – Эй фарангӣ ар наранҷӣ,
Бипурсам: – Аз кадомин кони ганҷӣ?

[1] Ҳин – айни замон, ҳамонҳо...

Агар номи накӯятро бидонам,
Фидоят ҷони ман, ин имтиҳонам.

Ва номи духтарак воқиф намондаст,
Варо Зарринаи Ковус мондаст.

Лиҳозо ҳолате гӯё саромад,
Ки Эрван бар суроғи маҳваш омад.

Ишорат кард Отин шуд равона,
Ду даст андар даҳон ӯ сӯйи хона.

Расидӣ Ковуси Артон ба боғаш,
Будӣ Отин хаёлан шабчароғаш.

Ду-се рӯзе пасон Отин даромад,
Гаҳи хилват, гаҳе бегаҳ баромад.

Магар Эрван гаҳе сабқат намудаст,
Зи Ковус ӯ дарунан кин фузудаст.

Вале Отин варо бошад ягона,
Ғуломаш не, – бараш ишқу тарона.

Ғуломонро сухан гӯё аён буд,
Ба Эрван ар расад, фоли гарон буд.

Ғуломон баски шафқат менамуданд,
Бари Отин накӯӣ мезududанд.

Ва Сарвӣ-хоҳари Ковус мегуфт:
– Ки Отин мешавад рӯзе ба ту ҷуфт.

Зи як сӯ ишқи духтар монда дар дил,
Зи як сӯ зиндагӣ роҳест мушкил.

«Кунун хоҳар, ғуломонам бидонанд,
Шудам дар зиндагии хонадон банд».

Намаккан ӯ зи кӯҳи Хоҷа-Мӯъмин,
Раванди зиндагӣ бинмуда таъмин.

Намаккандан, ки раҳ дорад на осон,
Нагардӣ ҳолати савдо ҳаросон.

Мулоқӣ гашта рӯзе Бадри Тархан,
Ба гармое ба Ковуси намаккан.

Ба ҷуз Ковус дигар кас набудаст,
Ҳаво гарму баданро мебисудаст.

Ва чанг аз гарду боди домани кӯҳ,
Намаклоин будӣ анбӯҳ-анбӯҳ.

Зи Эрван, чун ба хизмат рафта будаст,
Бипурсад шаҳ: – Аҷаб ҷуръат намудаст:

– Падар-Артон, маро ҳамсоя буд он,
Нагӯяд кас, пас аз рафтан чӣ шуд он.

Ва ин Ковуси ӯ девонасон аст,
Бигуфтӣ чун падар ақлаш хазон аст.

Лиҳозо Бадри Тархан гуфт – Ковус,
Биё бо мо, ватандори баномус!

Биё, ту хидмати Хуттал намо зуд,
Лиҳозо, мақсади ту мешавад буд.

Суханҳои шаҳ ӯро шод бинмуд,
Алайҳи ғосибон барҷаст чун дуд.

Зи Артон шаҳ яқинан бохабар буд,
Бидонад ӯ, ки марди боҳунар буд.

Бикард ӯ хидмати шаҳ чусту чолок,
Ҳамеша чун супорише шарафнок.

Кунун Ковуси ӯ бо Бадри Тархан,
Мулоқӣ ар шавад, донад намаккан.

Каланду фонаҳоро монда ӯ зуд,
Арақшори сару рӯ пок бинмуд.

Саворони низомиро бидидаст,
Ҳамоно сар ба таъзиме хамидаст.

Бибинад Ковус Эрванро лиҳозо,
Чу сарбози қаторӣ сафдареро.

Миёни он ҳама марде ягона,
Сару тан, ҷумла рафтораш шаҳона.

Ҳамоно гуфтугӯ кард ӯ ба Ковус;
– Басе ту навҷавонастӣ, баномус.

Чи мушкил сӯи ту, гӯ, пеша овард,
Замона бар сари андеша овард?

Ҳаво гарми баландеву бадансӯз,
Бари ту ин қадар бошад дилафрӯз?

Ҷавобаш доди Ковус: – дил-дил афзуд,
Бибинам як замоне, бегаҳӣ буд.

– Ту фарзанди ҳамон Артони солор?
– Бале,гуфтаст Ковус, эй ҷаҳондор.

Хабар аз ӯ ягон фарде наовар,
Буд ӯ чолоку ҳушёру ҷавонмард?

– Аз ӯ ному нишоневу дарак нест,
Кунун моро мураббӣ-муштарак нест.

Ману ҳамшира, – не ёру бародар,
Куҷо модар, падар ҳам рафтӣ аз сар.

Араб-орандагони дини ислом,
Задӣ он корвонро баста дар дом.

Вале ман, бовариям не, наоям,
Дар он моли ятимон рафта ояд.

Ва гуфтӣ Бадри Тархан: – Ҳа, арабҳо?
– Ҳама моли ятиму бенаворо?...

Бари онҳо аз он фарқе надорад,
Сари гӯру кафан ҳам фидя орад.

Лиҳозо гуфт шаҳ: – Донӣ, ту, Ковус,
Шавӣ андар Хутал марди баномус!

Биё мо бар Ватан хизмат намоем,
Ба зери парчамаш дар саф дароем.

Мароми мо бувад ин ҷо ягона,
Алайҳи душмани дун содиқона.

– Ту медонӣ, араб омад, – арабҳо?!
Шутур гум кардаанд оё дар ин ҷо?!

Бипурсам, сабқати қалби ту, гӯ чист?
Ва ё аз нангу сабқат ҷустан орист?

– Агар шоҳам бифармояд, ҷанобам,
Надорам ҳақ аз он ман сар битобам.

Бари Хутал, падар, тан месупорам,
Падаркушро, гаҳи дидан надорам.

Қабулӣ ту, ҷавони чусту чолок,
Ҳимоят кун Ватан, – ҳар заррайи хок.

Чу донад Бадри Тархан будааст ӯ,
Каме сурхӣ дамад бар ҳар ду абрӯ.

Ту доройи яроқ акнун шавӣ зуд,
Бигуфтӣ шаҳ, барор аз душманат дуд!

Барӣ ойила подоше бигирӣ,
Нишон деҳ андар ин раҳ мустамирӣ!

Суханҳойи шаҳ ӯро қувва медод,
Алайҳи ғосибон барҷаста чун бод.

Мулоқоти шаҳ ӯро шод бинмуд,
Бари ӯ сабқату имдод бинмуд.

Кунун сарвар шудӣ Эрван ба даста,
Камарро ҳамчу ҷанговар бибаста.

Варо сарбоз будӣ чор содӣ,
Ҳимоятгар будӣ марзи ҷанубӣ.

Лиҳозо Эрван сабқат намудӣ,
Ки ёғӣ сангари кӯҳӣ набудӣ.

Чу Ковус аскари навхидмате буд,
Басе машқида сарбози матин шуд.

Набуд осон яке з-онҳо бидорӣ,
Саворашро занӣ аз зин фарорӣ.

Кунун Эрван раҳи ҷангӣ дигар кард,
Зи дарё домани кӯҳӣ гузар кард.

Арабҳо аз ғанимат карда шодӣ,
Рабудӣ бо ҳазорон бодибодӣ.

Чу ногаҳ аз камин барҷаст Эрван,
Бизад бар дастаи пурзӯри душман.

Муаллифҳо бигуфтанд андар ин ҷанг,
Заробиҳо задӣ бо номусу нанг.

Басе Ковус ҷанги сахт бинмуд,
Баровард аз дамори аҷнабӣ дуд.

Даме бар қалби дунон мезадӣ чанг,
Баромад аз вуҷуди нохалаф чанг.

Аз ин ҷанги шадиди хутталиён,
Шудӣ з-он лашкари нохонда ҳайрон.

Бари ҳар як ваҷаб марзи Ватан з-он,
Задӣ нерӯйи душманро хуталён.

Буд ӯ сусморхӯр, омад дар ин марз,
Шудӣ соҳиб ба мулки нав ба-дин тарз.

Ба урдугоҳи ғосибон – Хуросон,
Шабохун мезадӣ бар рӯи каф ҷон.

Хиёнаткор хонҳои маҳаллӣ,
Намудӣ бенатиҷ азми аҳолӣ.

Масофи найза, шамшеру савора,
Задӣ машқӣ ба ҳар ғору тавора.

Низомӣ бо низом омад равона,
Далерони Ватан чун сафдарона.

Табарзинзан, силаҳ-шамшеру ҳин зад,
Масоф орад, далер асту наларзад.

Басе Ковус ҷаҳидӣ чусту чолок,
Ту гуфтӣ: – бар замин, гоҳе барафлок.

Давон андар бари асп ӯ бихобад,
Рақиб ӯро зи ҳайронӣ наёбад.

Кунун Эрван зудудӣ кини Ковус,
Набуд андар ниҳодаш рашки номус.

Ватанпарвар буд Эрван марди ҷангӣ,
Ба ҳар андешае парво накардӣ.

Талаб кардӣ зи даста мустамирӣ;
– Ту ёғиро задӣ, з-он устуворӣ!

– Мапиндорӣ ҳарифи дун ҳақир аст,
Вале хасмат барат шамшеру тир аст!.

Гузашт андар миён омад араб ҳам,
Малахосо билесад марзи олам.

Чу ваҳшӣ, чусту чолоку даранда,
Задӣ марзи Хуталро ҷон канда.

Бидав аспони тезгардӣ арабзод,
Зи сангарҳо гузаштӣ, гӯйи чун бод.

Куҷо аъёну ашрофе, ки хоин,
Бидодӣ сарзамини Суғд коин.

Чи Хоразму чи Суғду Истаравшан,
Зи аъён, ашрафон рафтӣ ба душман.

Аё воиз, ҳақиқатҳо куҷо шуд?
Ҳақиқат ин, ҳама зери фано шуд?!

Қутайба ибни Муслими тавонгар,
Тамоми ваъда кин будӣ саросар?

Куҷо покиву исломӣ дар ӯ буд,
Бидодӣ ваъда, баргаштӣ аз он зуд?!

«Бағалпуркун» ба хоне ваъда додӣ,
Ба дасти турк водиро кушондӣ?!

Ба дасти турки «дун» тоҷик кушондӣ!
Чу навбад омадӣ, туркаш намондӣ.

Аз ин рӯ миллате бо миллате зад,
Гузашт он макри исломдор аз ҳад.

Фусуну макру ҳилла кор додаст,
Худо ин ҳиллагарҳоро бидодаст.

Ба лашкар аҷнабӣ з-он бартарӣ дошт,
Ба водиҳо аҷаб тухми бадӣ кошт.

Чу ҳар ҷо гарнизони лашкар орост,
Маводи зиндагӣ мардум аз он кост.

На ҳад дорӣ арабро: – «ал-ҳазар» гуфт,
Сари сабзи ҷавоне меравад муфт.

Ту «ҳомӣ»-ро бидодӣ ҳақ, сахийи!
Агар не, ту, яқинан дӯзахийи!

На зардуштӣ, на буддоӣ дигар монд,
Насориву яҳудиро хабар монд.

Фақат ислом мегуфтанду зинҳор,
Вале ғорат ҳамекарданду куштор...

Касоне дини навро мепазиранд,
Дар аввал аз араб фидя бигиранд.

Кучо ташвиқу тарғибгар, ки бе гуфт,
Ситонад аз аморат пайсаи муфт?

Каси саркаш, ки исломӣ надорад,
Ҷариме з-он зи бединӣ супорад.

Бурун аз шаҳр варзигар бимонда,
Ба гардан мӯҳри сурғуч вонишонда.

Замин мовaро будӣ ба-дин тарз,
Лагоми дин задӣ, мардум, макун арз.

Аҷаб Эрван хилофи хоҳиши худ,
Чу сайқалдида Ковус кор фармуд.

Агар воқеъ барояд бар сари худ,
Ба ҷошинеш Ковус дарзане шуд.

Гаҳе дар қалби душман мезад ӯ чуст,
Баромад аз чунин ҳолат нашуд руст.

Зи рӯйи нақли таърихи замона,
Раванди Ковусу Марвон ягона.

Чу мавҷи шонайи дарёи Сайҳун,
Гаҳе боло ҷаҳидӣ гаҳ шудӣ гун.

Вале Марвон надонад кист Ковус,
Надонад Ковус аз Марвон ба номус.

Ду-се ҳарфе равад аз кори Марвон,
Ки гуфтанбобҳо дорад фаровон.

Шудӣ Марвон-араб тафреҳи волӣ,
Қутайба з-ӯ ба ҷонаш кайфи олӣ.

Гаҳе бар мукташофӣ рафт Марвон,
Забон оварда будӣ ӯ фаровон.

Супоришҳои волиро ҳамеша,
Ба лашкар мерасонидӣ чу пеша.

Гаҳе андар бари Оли Хуросон,
Фузудӣ бо матонат рафта Марвон.

Равад бо ӯ бидонад Ибни Муслим,
Бидонад тарзи ҷангу дому таслим.

Ато Ҳамдам ва Леониди Чигрин,
Далел оварда гуфтанд аҳди дерин.

Далел оварда гуфтанд аз Самарқанд,
Далели ҷанги хоразмию Пайканд.

Басе шаҳру макone будӣ обод,
Ки шуд з-«ободгаҳаш» чуғзҳо шод.

Аҷаб қонун, аҷаб давру замоне,
Набуд аз одамин ному нишоне.

Шавӣ ҳайрон аз ин диндору ҳастӣ,
«Аз ин тороҷ, аз ин сон сарпарастӣ».

Набуд осон гирифтан марзи Хуҷанд,
Алайҳи аҷнабӣ хуҷандӣ чаҳ канд.

Фитодӣ иддае дар зери чаҳбанд,
Фитодӣ зери лух ва зери яшканд.

Хуҷандиҳо ҳамегуфтанд – Эй бас!
Чи мекобед андар хонайи кас?!

Ва ё молу маноли ту дар ин ҷо,
Кашидӣ заҳмате дар хонайи мо?

Туро ин «ҷонканӣ»-ҳо аз бари чист?
Бидонам: – аз бари молу ғуломист!

Нарафтем он арабро банда созем,
Ҳабашро чун ту мо шарманда созем!

Вале овозайи ваҳшӣ-арабзод,
Расад андар тамоми мулки обод.

Самарқандӣ зи нав андар масофаст,
Алайҳи ғосибони дуни бадмаст.

Араб чун сӯи Хатлон сар бимонад,
Қутайба ибни Муслим дарбимонад.

Бикардӣ ибни Муслим макру ҷоду,
Хуталро ваъдаҳое то Тарозу[1].

[1] Тарозуи осмон

– Усули ҳиллаву маккорӣ бояд,
Низои мардумиро кор ояд.

Ҳамегуфт ин Қутайби ибни Муслим,
Ягона роҳи барбастан ба таслим.

Бидеҳаш ваъда: – фардойи қиёмат,
Бигирӣ, додайи имрӯз амонат.

Чу диндорӣ, бари фардот мегир,
Ва гар на, меравӣ дӯзах-бе пир!

Ба дом ори Хуталро бо чунин тарз,
Ва гар на, хунбаҳоят не варо қарз.

Шаҳ ин ҷо камхирад бас як ҷиян дошт,
Ки худро бармаҳал «шаҳзода» бингошт.

Қутайба ибни Муслим одамашро,
Фиристад пеши Урам карда иғво:

Валиаҳди падар ин ҷо-ку хурдӣ,
Набигзорад ту худ орӣ субудӣ.

«Шаҳи Хутал туйи шаҳзодайи пок,
Зи захре мешавӣ як теппайи хок»!

Ҷавони соддалавҳ он дастайи худ,
Гирифту бо Язидаш саф баҳам шуд.

Қабул афтод ӯро ҳам Мухаллаб,
Кушодачеҳраву эҳдойи матлаб.

Урам бояд ба даст орад Ҳуталро,
Намояд бо араб худ сулҳ барпо.

Язид ибн Ал-Мухаллабро надонад,
Ба дом орад, Хуталро баста монад.

Тамоми зиндагӣ мардум бигирад,
Ба ҷойи халқи худ душман пазирад.

Варо будӣ басе фикрони мағшуш,
Ки мардумро кушонад бо падаркуш.

Ва донад Бадри Тархан ин ҷиянро,
Фурӯшад чун палиде ин чаманро.

Дар ин ҷо гуфтаниҳойи аҷибанд,
Зи аркони бузургони наҷибанд.

Кушояд Бадри Тархан хоса шӯро,
Зи лашкараш, зи ҳар бинанда-хӯро.

Агар андар миён ноустуворанд,
Ба ҳоли худ ватанро месупоранд.

Ва гуфто Бадри Тархан бар-онем,
Ватанро аз парешонӣ раҳонем.

Вале мо дар чунин вазъияту ҳол,
Араб моро кунад чун банда помол.

Язидро ибни Муслим қувва орад,
Яқин ӯ раҳбалад, – ҷосус дорад.

Ситоду қуввайи моро надонад,
Палидаш нақши бад бар мо наронад.

Муваффақ мешавад душман зи ҷосус,
Зи макру ҳиллаву каззоби номус.

Аризи мӯсафеди қадхамида,
Бигуфто: – Ман равам ҷангида-дида.

Зи кашшофӣ сабақ андӯхтам беш,
Равам, бар ҷони Урам мезанам неш.

Алайҳи аҷнабӣ Эрван зи ҷо ҷаст.
– Манат бояд равам, фикре маро ҳаст:

– Урамро ҳамчу хоин баста орам,
Дигар андар замон армон надорам.

Бигуфто Бадри Тархан: – не, хато ин,
Шуморо чун бидонад он бадоин.

Лиҳозо даст боло кард Ковус,
Ки ман орам ҳарифи теғи шакбӯс.

Нишони боварӣ ӯро аён буд,
Ки гуфтӣ: – зодайи давру замон буд.

Бидонам он Язиди хӯйкаждум,
Ба нафъи худ кашад бар гӯр мардум.

Бидонад Бадри Тархан боварӣ ҳаст,
Ҷавон асту далер асту забардаст.

Ва гуфто шаҳ: – Бигӯ он нақшаатро,
Ватандори асил андар бари мо!

Қафо баргашта мардум мебидиданд,
Вакили ҷонфидоро мешуниданд.

На ҳар кӣ кори кашшофӣ бидонад,
Хабарро фарди оқил мерасонад.

Нагӯям андар ин ҷо нақшаи худ,
Бипурсам узри бисёре, маро шуд.

Чу гӯям ки яқин аз буни девар,
Бидонад душмани номарди бедор.

Яқин огаҳ шавад аз кори банда,
Алайҳи халқи мо, ин кори ганда.

Шаби маҳтоб, аҷаб олам мунаввар,
Барояд аз уфуқ чун шамси ховар.

Малаххо, чир-чиракҳо нағмахонанд,
Шағолон нӯлакашсозӣ расонанд.

Бисозад шабпарак ҳам, нақшае худ,
Ки нӯши ҷон намояд пашшаи худ.

Муқаррар ин ҳаёти ҳар шабона,
Бари ҳар кӣ бувад панду фасона.

Қушунҳои араб пеши ҷарӣ буд,
Камини субҳдамро боварӣ буд.

Чу Ковус аз ду-се-то хайма бигзашт,
Гузашту дар паси як хайма биншаст.

Гаронҷон посбонаш хуфта будӣ,
Сагонро бӯи нон пазруфта будӣ.

Садойи карнаю сурнай саромад,
Язид ибн-Ал-Мухаллаб вар баромад.

Язид аз хайма чун берун баромад,
Зи пешаш одами биншаста омад.

Ваҷоҳат часта бар пешона мезад,
Тапишҳо дил задӣ андар сари дад.

Чу омад бар сараш ҳуши парешон,
Занад бар посбон ӯ доди нодон!

Вале Ковус далеру бо матонат,
Ба-дон тарзе будӣ кардӣ итоат.

Ҳамегуфтӣ ба худ: – з-ин раҳ набуданд,
Ҳаёти хутталӣ бар ман намуданд.

Яке савдогаре – Бурз аз Хутал буд,
Зару зеварпараст ӯ ба Язид шуд.

Зару зевар варо кардӣ шалоин,
Басе тилло, зумуррад аз хазоин.

Бигуфто бар Язид он тоҷири дун,
Шиносам: – зодаи солор-Артун,

– Тиҷоре дар раҳи Хоразм будӣ,
Ба ёд орӣ, ки молашро рабудӣ?!

Ҳамоно ӯ имо карду ишорат,
Будӣ Артон вакили он сафорат.

Падаркушро муайян кард Ковус,
Язидӣ асту Бурз-ин ҳар ду манҳус.

Бари Бурз одамӣ фарқаш набудӣ,
Зару зевар, хазоин мефузудӣ.

Далел оварда Ковус бо Язид гуфт,
Ба фарқи душманаш бо ҳар сухан куфт.

Урамро ӯ чу ҷосусе ҷар андохт,
Урамро бо Язидаш озар андохт.

– Тавонистам ба чодирвонат оям,
Аз он ҷо кори ту карда бароям.

Язидаш гуфт: – К-ат бовар надорам,
Туро дар зери шаллоқам дарорам?!

Чу гуфт инрову бар Ковус назар кард,
Ва гӯё кай ба Ковус он асар кард.

Қабулаш кун ту ин дини илоҳи,
Камар бандӣ бари кори худойи.

Бувад ин дин, яқин дини ягона,
Камар бандӣ барӣ он содиқона.

Қабулаш кард бо андеша Ковус,
Пас аз фикру хаёле карда маҳбус.

Ду шайтони араб шореҳ бар онҳо,
– Бигӯ, гуфтӣ: Худову Мустафоро!

Ва гуфтӣ Ковус аз авзу кашидан,
Абӯ-Дулам ризои дил надидан.

Худ ӯ шореҳ ба Қуръони шариф аст,
Ва гуфтӣ: – хатнасур ақли зариф аст.

Язиду Бурз аз ин андешайи суд,
Мароми хатнасур исломияш буд.

Хабарҳойи навине Ковус андӯхт,
Рагу банди Язидаш сар ба сар сӯхт.

Далел аз овариди ӯ бидиданд,
Басе ангушти ҳайрат ҳам газиданд.

Ва гӯё Бадри Тархан душмани ӯст,
Ҷароҳатҳо ба ҷисмаш кардайи ӯст.

Урамро бар сари теғи ҷарӣ кард,
Ҷудо аз қувваҳойи муштарӣ кард.

Аз ин кори Язид Урам биранҷид,
Даме сангаримори нав бисанҷид.

Алайҳи аҷнабӣ Ковус амал кард,
Будӣ нақше басе ҷидду ҷадал кард.

Аз ин ҷо Бадри Тархан нақшаи худ,
Алайҳи аҷнабиён рафтанӣ шуд.

Набигзорем тақвият бибахшад,
Зи ҳар сӯ лашкари моро бипахшад.

– Бидоред Урами хоину дасташ,
Ҷазо гирад миёни халқ басташ.

Яке лашкаркаше андар Хутал буд,
Сабал ному ба нақша зудамал буд.

Се қисмат кард сарбози пиёда,
Ду қисмат бар Язид-аз он фитода.

Яке андар сари Урам фаромад,
Баробар наъраву ҳайҳо баромад.

Арабҳо: – Кори Урам ин! – бигуфтанд,
Урам: – Инон арабҳо, гуфта, кӯфтанд.

Сабал ҷанги шадиде кард он шаб,
Масофи ӯ шудӣ ашъори матлаб.

Арабҳо хоби ғафлат рафта буданд,
Умеди мукташофӣ менамуданд.

– Араб-кашшофиён инро надонанд,
Набояд нақша бар урду расонанд.

Бигуфто Бадри Тархан: – Эй азизон,
Бидонед, ин умеди мост Хатлон!

Набояд бандаи ғосиб бибошем,
Бибояд хуни ғосибро бипошем!

Сафедаклатта бар сарҳо бибастанд,
Миёни душмани дунро шикастанд.

Зи ҳавли ҷон арабҳо медавиданд,
Саворони Сабал ёғӣ бичиданд.

Саре аз тан кадуӣ мепаридӣ,
Зада шамшер арабро медаридӣ.

Замоне ҷанги шабтозӣ саромад,
Даридӣ хаймаро Ковус, баромад.

Бибинад аҷнабиёне гуреза,
Ба сад ғору ҷаре бе боду беза.

Ҳамехонд ӯ алайҳи дун бихезед,
Ҳам аз тан хуни бадхӯяш бирезед!

Маҷоли раҳравӣ ӯро набудӣ,
Ҷароҳат бар азоби ӯ фузудӣ.

Ва ногаҳ омадӣ аспе даванда,
Ба сӯйи Ковус он шиҳа-кашанда.

Зи пайкор омадӣ аспи арабзод,
Ва Ковусро бигуфтӣ, ту: – Худо дод.

Бимолад ёлу гуполи ҷанивар,
Шудӣ мойил, нашаст андар таковар.

Арабҳойи гуреза як каме з-он,
Раҳондӣ ҷони худ аз марзи Хатлон.

Раҳонидӣ зи сад девору сангар,
Зи сад хору хасу дарё, лаби ҷар.

Урамро баста қалъа-Мунк бурданд,
Сари ӯро ба хоиниш буриданд.

Вале иҷборагоне рафта буданд,
Зи Хуттал бо Язид хидмат намуданд,

Бубояд дар масоф андар сафи пеш,
Бишӯянд он хато бо хун ба сад реш.

Фиристад модари Урам чу қосид,
Ба сӯйи модари Собал, ба Осид:

– Ту уммеде зи як фарзанд дорӣ?
– Агар зинда набудӣ, хун биборӣ!

Кунун ҳафто писар дорам дар олам,
Бари мақтулшуда ҳам ман бинолам!

Бидодӣ модари Собал ҷавобаш,
Ҷавобаш беш гардондӣ азобаш.

– Яке зод арчи шер, он бачча шер аст,
На афзунзой хуки нодалер аст.

Вале ҳафто бародар ёр буданд,
Ва рафтори Сабалро ҳақ шумурданд.

Кунун аз Ковуси Хуттал задӣ ҳарф,
Намуд ӯ қаҳрамонӣ лаҳзае сарф.

Нишасташ тори зин, якпаҳла будӣ,
Ки дарди по ҳамоно мефузудӣ.

Расад андар миёни хутталиён,
Гирифтандаш зи шодӣ муштариён.

Ва Ковусро ба-дон ҳолат намонданд,
Ба гардуна-намадпӯше нашонданд.

Миёни ҷумлаи меҳанпарастон,
Мукофоташ бидодӣ Бадри Тархон.

Кашидӣ ӯ силоҳи ҷангии худ,
Ба Ковусаш бидодӣ он чунин буд.

Ва з-ин болотарин бахшиш набудӣ,
Ва гар на, муштариро мефузудӣ.

Шудӣ ӯ ифтихори миллати худ,
Ва худ ин таърихи халқу давлате буд.

Шудӣ ин ҷанги таърихӣ дар олам,
Ки будӣ то замоне насли одам.

Нишон таърих додӣ сӯйи Ковус,
Басе афзоли ҷангӣ, теғи сарбӯс.

Ато Ҳамдам ва Леонид гуфтанд,
Дар ин роман ҳақиқатро бисуфтанд.

Ва гуфтӣ дар китоб он чи амонат,
«Басе сирри ниҳон андар Матонат».

## РУБОӢ ВА ДУБАЙТӢ

Ҷавонӣ рафт аз ин роғи дарича,
Шудӣ саргарми бозии халича[1]
Кунун савдои умр арзиш надорад,
Гузаштӣ, эй дил, эй дил сарсарича!

Чаро, эй мурғи дил пар-парзаноӣ,
Чу парвозӣ шавам, лангар намоӣ?
Кунун пирӣ дари ҳаштод омад,
Чи суд ар дар бибандӣ ё кушоӣ?

Чаро умед аз ёрон надорӣ,
Насиби худ чаро бар кас гузорӣ?
Чу ҷурми худ ба дӯши кас гузорӣ,
Зи кулвори хирад арзиш надорӣ!

Суханронӣ бидонӣ, мӯ бибофӣ,
Гаҳе бедин, гаҳе андар тавофӣ.
Зи ҳар даргаҳ сабақгир шав, сабақгир,
Агар ҳеҷӣ, тавони мӯшикофӣ.

Шаб ояд ахтаро, ушқунчасоӣ,
Сарафрозӣ намо, нашъунамое,
Нагардад қудрати нурофарат кам,
Ту ҳам дорӣ шароре, дар ҷилоӣ.

Ба ҳар нохондадил ҳамдам машав, дил,
Бирав, дурӣ гузин аз ҳарфи ноқил.[2]
Заҳирӣ беҳтараст аз нокас, эй дил,
Ки нокас орадат заҳри мақотил.

---

[1] Халича-як навъи бозича
[2] Ноқил – нақлкунанда, воиз

Зи дастат кор ояд, карданат беҳ,
На чиз аз кас бигир, на бар касе деҳ.
На миннат кун, на иллат кун, на зиллат,
Чу дарзӣ ҷомаи худ соз дарбеҳ.

Маро аз хок одам офариданд,
Нафас андар гулӯ-дам орамидан.
Чу оташдида-мӯ печидасонам,
Чи ҳаз охир аҷал-ғам овариданд?

Ҷаҳон хокистару тагшин чу оташ,
Гузар аз рангу бӯ, суму сумоташ!
Чу вулқони аҷал шодӣ назояд,
Куҷо некӣ фазояд дар суботаш?

Мазан хошок, эй дар подари ман,
Мазан гарди ғализат бар сари ман!
Ту к-охир чокари аҳриманастӣ,
Бирав, эй бадгуҳар, дур аз бари ман!

Биё огаҳ шавем аз лутфи он ҳақ,
Бувад чун бандаро ӯ ёри барҳақ.
Аён андар аҷири синаҳо ӯст,
Машав ғофил, дарат чун кӯфт тақ-тақ.

Чу вулқон андарун ҷӯшам, хамӯшам,
Чу гирдобе ба худ печам, наҷӯшам.
Мазан гирдобу вулқонам магардон,
Агар сире ниҳон ояд, хурӯшам.

Бе такаллуф заррае савғо нашуд,
Рафт турку нашъа дар яғмо нашуд.
Эй сазовори сарирӣ аз чӣ ҳаз,
Чашмаи мағ[1] бе мағи мағҳо нашуд.

[1] Мағ – мағок, роғи кӯҳӣ

Сарам чун занги мактаб мезанад боз,
Маро хонад ба сӯи хеш овоз.
Нашуд аз дил ҷудо ёри нави ман,
Бимонад то абад бар ёд анбоз.

Фусунгарро ба гирдоби фано кун,
Варо аз дӯстони ман ҷудо кун.
Надорад нашъаи некӯхисолӣ,
Сари мардум зи ҳар бадкин раҳо кун.

Сари кас чокари рози ту набвад,
«Аниси нуқтапардози» ту набвад.
Туӣ як бандаи хокӣ, аз ин рӯ,
Бирав з-ин ҷо кас анбози ту набвад!

Сарат масту аласт, имон надорӣ,
Имонат дар гумон, иброз дорӣ!
Бигӯ худ сарвату молат куҷо шуд?
Ду гетӣ пеши ту нодору хорӣ!

Барои ту, Ватан, обу адоям,
Бувад сангу сафолат тӯтиёям.
Касе нафрин кунад, одам набошад,
Ту ҷои саҷда, даргоҳи Худоям.

Ватан, мӯъҷизаҳо дорӣ бари ман,
Ҳаёти дилрабо орӣ бари ман.
Бубахшӣ сарварони пуриноят,
Зи меғат ризқ борӣ бар сари ман.

Шӯълае баъд аз ғуруб омад падид,
Абри торик аз ғурубаш бардарид.
Субҳи шодӣ, нури озодӣ дамид,
Дод бар тоҷик, яке бахту навид.

Ламъае андар уфуқи тоҷикон,
Чун падид омад, адӯ дандон газид.
Мавҷи дарёи адолат баъд аз он,
Бар сари тоҷик яқин тоҷ оварид.

Тоҷикистонам, азизи оламӣ,
Субҳ андар ҷилваи нури ту бод.
Ҷавҳари умедҳои одамӣ,
Нектар хоҳам раҳи дури ту бод.

Бурун аз сина нанмо шуру шартозӣ,
Марав, эй дил, ба ҳар ҷо шуру шарбозӣ!
Киро иблис сабақ дод аз накӯиҳо,
Чи сон аз бадгуҳар панде дарандозӣ?

Дар куштани ман гӯши малак кар карданд,
Аз хуни ҷигар рӯи замин тар карданд.
Тоҷик манам, табори воло дорам,
Гар аз сари ман манору минбар карданд.

Дар пардаи исмат бишавӣ чанд хамӯш,
Бояд ки ту ҳарфи нек гирӣ бар гӯш.
Дар олами сармояи пур фанду фурӯш,
Пас гавҳари дурдонаи некӣ мафрӯш.

Тоҷикаму доғи ин ватан дар назарам,
Сӯзад раги ҷону доғ уқбо бибарам.
Хокистари дил агар зи нав зинда шавад,
Ҳар зарраи хокро ба умре бихарам.

Мо зодаи ишқи зарнисори Ватанем,
Дилдодаи накҳати баҳори Ватанем.
Хуршеди латофати Ватан шодӣ намо,
Ҷӯяндаи ёри ғамгусори Ватанем.

Мо зода зи ишқ номдори Ватанем,
Бо ишқи Ватан бузургу рӯинатанем.
Бо парчами қудс дилфигорем-фигор,
Ҳурони биҳишт мо ба боғу чаманем.

Бо санг мазан руҳи дар андешаи моро,
Аз реша мазан теша ту ин пешаи моро!
Эй умр, ҳадаф чист, ки бунёд бисӯзӣ?
Эй бод чаро кандӣ ту тагрешаи моро!

Дар кишвари дил маъдани ганҷинаи розест,
Ҳар лаҳза зи ҳар гӯша варо рӯи ниёзест.
Дастони пурэъҷози азал машъали тамҳид,
Ҷӯшанда зи вулқони муҳаббат даву тозест.

Эй Ватан! Сар дар гиребони амонат ҷо кунам,
Дафтари дилро бари ҳар хонадонат во кунам.
Гарди роҳат тӯтиёи дидаи бинои ман,
Сад ҷони азизамро барат савғо кунам.

Аз тори сарат ашки матар резон шуд,
Аз сӯи фалак нидои афзун омад.
Наврӯз чу дар диёр шуд гулгардон,
Дар дашту даман арӯси гулгун омад.

## МУСИБАТИ НОБАҲАНГОМ
## НАҶОТ АЗ ГИРДОБИ ФАНО
*( Давраи сарварии Н.С. Хрушев)*

Хрушев он замоне ҳукм меронд,
Камӣ кард орди гандум, маккаро хонд.

Ҳамон соле, ки нуздаҳ шасту се буд,
Замин ҳосил бидоду кам-каме шуд.

Вале мардум ғамин, дар ҳоли танге,
Ғизое не, яқин, бе ҳолу ҳанге.

Ҷувори-макка киштан шуд баҳона,
Тарозу-баркаши бандаш чу дона.

Қабулаш кардӣ довар шола-шола,
Худо донад, ба-ду бинмо ҳавола.

«-Ҷувори-макка, гуфто: – нону қанд аст,
Ғизодорандаеву дилписанд аст.»

Ба говонат чу додӣ ему хошок,
Бибахшад бар ту говат ширу қаймоқ.

Баландовоза шуд эҳдои макка,
Набуд дар оғиле ар гови лакка.

Ба ҳар водӣ расондӣ дасти ёрӣ,
«ГАЗ»-он 51 мошини борӣ.

Мусофиркаш шудӣ андар замоне,
Расондӣ бар халоиқ орду ноне.

Шуд «Автобази-13» ёри дилсӯз,
Равон кардӣ ба ҳар водӣ шабонрӯз.

Ба Ишкошиму Хороги Бадахшон,
Ҳамоно бар Қаротегину Вахшон.

Кашондӣ ҳар ГАЗ-оне он замона,
Дуним тон орд бурдӣ содиқона.

Шиоре андар автобаз шуд эълон:
– Тамоми қувва бахшемаш палелон!

Намонад бе наво, бе орду бе нон,
Хусусан, қуллаи боми Бадахшон!

Қаротегину дарвозӣ баҳорон,
Тановул кардӣ он гаҳ тути талқон.

Равад ронанда ҳар як аз пасу пеш,
Набуд андар сафар фарде бадандеш.

Равон аз таҳти дил мардони оқил,
Чавонони саодатманди шомил.

Намуданд аз таҳи дил иштиҳоре,
Барандаш бо матонат ифтихоре.

Гузашт аз Сичароғ омад Кабудчар,
Сари мошини Мирзо-Аҳмад-овар.

Гузаштӣ ҳар ГАЗ-оне лаб-лаби чар,
Гузаштӣ аз ҳазорон дому сангар.

Гаҳе шебу фарози қуллаи кӯҳ,
Гаҳе санг оядат худ анбӯҳ-анбӯҳ.

Гаҳе бинӣ ту харсанги хамида,
Гаҳе яшкан раҳ аз роҳат парида.

Гаҳе селоби кӯҳӣ мефарояд,
Дами раҳ ғори торикат намояд.

Нигаҳ дорад, Худо ёри ту бошад,
Сари роҳи ту сангоро набошад.

Басе чолоку ботадбир Аҳмад,
Аз он гардишгаҳи сангин баромад.

«ГАЗ»-онаш чун баромад аз Лабиҷар,
Хаёл кард ӯ гузашт аз Қофу Қайсар.

Нафасро як даме озод бинмуд,
Туман омад, фаромад абри бедуд.

Раҳи кафтаргузар пурпечу тобаст,
Равӣ, шебу фарозаш беҳисобаст.

Шабонгаҳ ҳамрадифӣ бо ситора,
Занад чашмак зи дарё бо ишора.

Нигаҳ дорад Худо к-аз номади кор,
Ба дарё меравад садҳо шутур бор.

Назарбар бошадат ҳар лаҳзае об,
Туро худ мекашад ҷайҳуни Хингоб.

Ҷилои маҳро дар об бинӣ,
Миёни об басе гирдоб бинӣ.

Ҳаво салқиннамо, Шамс аз чӣ хира,
Туман чатре кашад аз абри тира.

Равон оҳиста Мирзо-Аҳмади мо,
Ки меомад ба сар сад фикру савдо:

– Ба Хорог ар расад ин бори мошин,
Расад ин бак маро то гашти пешин.

Кам ар бензин, маро боке набошад,
Ғами тифлони барҷомонда бошад.

Ки медонад, ки мардум дар чӣ ҳоланд,
Набошад луқмае, банди хаёланд,

Сару сад ламъаи фикру хаёле,
Набошад то дар ин водӣ заволе.

Худо, борро ба хорогӣ расонам,
Дар ин олам дигар армон надорам.

Дид, ӯ мошин зи гардишгаҳ баромад,
Ба сӯи шеби хингобӣ фаромад.

Қафои кузи мошин шуд боло,
Вале Мирзо бипахшондӣ ду поро.

Муаллақ барҷаҳид афтода он гаҳ,
Фурӯ рафт аз қазо, не кас буд огаҳ.

Худо донад, Худо бошад ҷаҳонбин,
Ба гирдоби фано рафт орди мошин.

– Ҷадал созам, бидорам дастаи дар,
Чу қуттӣ ғелид он як бори дигар.

Ширин-гуфто, бувад ин ҷони одам,
Ду поро бар дари дигар ниҳодам.

Агар мошин занад ғели дубора,
Фано гардам, фано гардам, чӣ чора?

Куҷо омад хаёле, фикр бар сар,
Задам худро ба-дон ковоки чапдар.

Ягон фикру хаёле, кай буд орзу,
Ба-дон ҳолат, будам андар тарозу.

Сарам аз шишаи чапдар баромад,
Ҷаҳам боло, нафас бар тан даромад.

Равад хун аз сару рӯш то баногӯш,
Карахтӣ менамуд онро қалақпӯш.

Танам, рӯ кандагӣ з-он шишаи дар,
Ҳамоно халтае орд омад аз бар.

Бигуфтам: – Эй Худо, ин ҳолатам бин,
Наҷотам деҳ аз ин маҷрои бадкин.

Худоё андар ин доми балоям,
Раҳониям зи гирдоби фаноям.

Ба ҷуз ту ман каси дигар надорам,
Сари танҳо ба доми аждаҳоям.

Ҳамекӯшам аз ин ҳолат бароям,
Карахт охир, ман-ин ду дасту поям.

Саночосо маро он халта дар бар,
Лаби соҳил расонид теға-сангар.

Дар он талвоси ҷонкоҳӣ бидидам,
Сари санге, варо маҳкам қапидам.

Ҳамоно халта-ордак қувватам дод,
Нишастам андар он санги худодод.

Сари сангак шудам чун харсавора,
Парид аз сар ҳушу гӯшам дубора.

Хабар аз худ надорам мезанад дил,
Набошад дар рамақ як лаҳза шомил.

Сиёҳӣ пеши чашмам зад шаби тор,
Надонам дар фазоям ё лаби ғор.

Ду гӯшам бастагӣ не шуру ғавғо,
Куҷо бишнидаме тӯфони дарё?!

Надонам аз миён чанде гузаштаст,
Ба ёд оям, ду поям ях бастаст.

Бимолидам ду поро лаҳзае чанд,
Равад гармӣ ба дасту пою пайванд.

Азоям чун каме бигрифт дармон,
Тамоми узвҳоям гашт ларзон.

Чу барги бед ларзон ин азоям,
Ҳамоно худ ба худ гуфтам: – адоям!

Ду қанди мампасӣ дар ҷайбакам буд,
Вале шим кандагӣ, қандак куҷо шуд.

Сару тан дар бадан з-он пора-пора,
Хаёлам, бар танам як латтапора.

Тавалло менамудам: – Ман куҷоям?!
Наҳифу нотавону мурдасоям.

Ба боло бингарам, санги қатора,
Тавонам, мерасам то он тавора.

Куҷо, дармон надорам то ба-дон ҷо,
Агар ҷунбам, равам дар қаъри дарё.

Зи сардӣ бас карахт охир азоям,
Зи талвоса бимолам дасту поям.

Зи нав худ дасту поро қувва додам,
Ба тори санги боло по ниҳодам.

Ба-дин минвол аз он сангар гузаштам,
Хаёлам, бар сари гирдоби Раштам.

Гузаштам чун зи сангони қатора,
Падид омад, раҳи пешин дубора.

Либосам кандагӣ, бар ҳоли зорам,
Куҷо ояд мадад-темордорам?

Сару тан кандагӣ, ҳоли харобам,
Аз он шодам, дар ин соҳили обам.

Равам ғалтону хезон аз ғами ҷон,
Ҳамон ҷое паридам чаппагардон.

Азобам то ба-дон ҷое хамирам,
Ҳамегуфтам ба худ: – Шояд намирам.

Раҳи мошинпарамро санг чидам,
Нагӯяд то касе шоҳид: – Надидам!

Даме омад ду-се мошин паи ҳам,
Ду дастам дар ҳаво, кай донад одам.

Ба фикри ҳар кадом: «девам, париям!»
Ва ё ғул аз хаме, ғоре, ҷариям».

Гузар созад зи ман, суръат битезад,
«Балои ногаҳонам ман, гурезад!»

Садои дигаре омад ба гӯшам,
Аз он бедор гардид ақлу ҳушам.

Бигуфтам: – Аҳмадам ман, эй Ҷаҳонгир!?
Чунин ҳолат маро омад зи тақдир!

Ҳамоно аз барам мошина истод,
– Фалониям, барам то ҷои обод!

Чу пӯшонд ӯ маро зуд ҷома-шалвор,
Ва гуфто: – Марди покиву сазовор!

Аз он ҷое фурӯ рафтӣ ба он ғор,
Куҷо осон, барой аз таги бор!?

Вале дидам туро чун ғарқаи хун,
Яқин, гуфтам: – Бало омад ҳамайдун!

Садоятро баровардӣ, чу дидам,
Зи ҳайрат аз барат аз ҷо паридам.

Аз он гирдоби ғарқобӣ агар раст,
Вале мошинабаз ӯро ҷарим баст.

Куҷо ёрии моддияш расондӣ,
Даруни ғам варо барбаста мондӣ.

Дар он ҳолат табобат боядаш кард,
Падаросо варо гардӣ ту ҳамдард.

Пас аз чанде қарори суд баромад,
Ки гӯё дар рамақ ҷонаш даромад.

Қарори суд баромад одилона,
Бирав, гуфто, ту озодӣ, ба хона!

Ту ҳангоме, ки пастар мешавад об,
Раву он ҳолати мошина дарёб!

Дар ин ҷо ҳайатиислоҳкоранд,
Қарори ҳақ аз он дидан бароранд.

Агар ҳаққӣ, дар он ҳангоми дидан,
Раҳо ёбӣ аз он ханзал чашидан!

Хабар омад, ки куз аз об баромад,
Зи ҳақ гуфтан ҳақиқат худ саромад.

Куҷо ронандаро хобаш рабудаст?!
«Кашандаш» аз дарун бишкаста будаст.

Ду чашмонаш ҳамезад ҳалқаи об,
Ҳамезад ҳалқа чун гирдоби Хингоб.

Ҷароҳат аз бадан рафт, он аён аст,
Задӣ бар дил, баровардан гарон аст.

Шунидам, сарвари ноҳақ чӣ дидаст:
Зи қашшоқӣ замоне луқма чидаст.

*1.02.2007*

## ДАР СУГВОРИИ ИДИГУЛ, КИ ДАР СИННИ 23-СОЛАГӢ АЗ ОЛАМ ДАРГУЗАШТААСТ АЗ НОМИ МОДАР БИБИРАҶАБ, ХОЛАҲО, ТАҒО ВА ХОҲАРУ БАРОДАРОН,

Аз боди хазон сабзаву гул пешу қафо рафт,
Он сарви сиҳӣ, нахли умедам ба фано рафт.
Идигул аз ин нанги падар бе сару по рафт,
Пеши назарам тира шуд, ин нури зиё рафт,
Дил пора кунам, пора, ки як пора куҷо рафт!

Дар зодани тифлон, аҷабо, роҳи ту пӯянд,
Бе ту нашавад дидаи во монда чӣ бӯянд,
Ку «момахудо», тифлаку модар ба ту гӯянд,
Дар гӯшаи ғам орази зебои ту ҷӯянд,
Дил пора кунам, пора, ки як пора куҷо рафт!

Ҷӯяндаи дидори ту сӯзанда ба сад доғ,
Аҳкоми навинест туро ин чаману роғ,
Ку дояхудо? Оҳ дареғи гули ин боғ,
Эй вой, надидӣ зи чаман як параки зоғ,
Дил пора кунам, пора, ки як пора куҷо рафт!

Мо дар ҳаваси орази зебои ту будем,
Дилдодаи он қомату дебои ту будем,
Ҳар лаҳза дар он лаҳни дилосои ту будем,
Печида ба ғам дидаи барнои ту будем,
Дил пора кунам, пора, ки як пора куҷо рафт!

Аз марги ту дил пора кунам ҷомаву дастор,
Атри кафанат бӯ задам аз дидаи хунбор,
Мӯҳо ба қадат шона задам тор сари тор,
Аз олами равшан чӣ шунидӣ, кӣ сабабгор?!
Дил пора кунам, пора, ки як пора куҷо рафт!

Рӯ кандаву мӯ канда бишуд гардану марҷон,
Зарринаи ҳамшира ба як ҳоли парешон,
Бар ҳоли табоҳат Замирам, э Худоҷон!
Он шамс куҷо рафт дар ин шоми дариён?
Дил пора кунам, пора, ки як пора куҷо рафт!

Ду чашми сари додаракон чашмаи об аст,
Бе ту ҷигари сӯхта чун дуди кабоб аст,
Ду хола, тағоҳо, бинигар, ин чӣ азоб аст?!
Аз марги ту олам ҳама дар сӯзу итоб аст,
Дил пора кунам, пора, ки як пора куҷо рафт!?

*28. 07. 2007*

# МУНДАРИҶА


Парчам.......................................................................5
Мулки ҷаҳонам додаӣ...................................................6
Аз ҳасрати ҷон омадӣ .................................................7
Авҷу барораст ...........................................................8
Наврӯз......................................................................9
Рубоӣ ва дубайтӣ .......................................................10
Роғун .......................................................................12
Роғун .......................................................................13
Роғун .......................................................................15
Асри ман...................................................................16
Зебо манзари ман......................................................17
Аз кӣ пинҳон мекунӣ? ................................................18
Чун нури ирфон мекунӣ?!..........................................19
Дили нолони ман ......................................................20
Бас-бас акнун манманӣ!.............................................21
Модар – заминам додаанд ........................................22
Ақли басар металабад................................................23
Дили модар ..............................................................24
Аз худои ломакон ояд ҳаме........................................26
Якум .........................................................................28
Илҳом аз «садди хатлон» ..........................................32
Рубоӣ ва дубайтӣ .......................................................79
Мусибати нобаҳангом наҷот аз гирдоби фано .............84
Дар сугвории идигул аз номи модар бибираҷаб, холаҳо, таго ва хоҳару бародарон, ки дар синни 23-солагӣ аз олам даргузаштааст........................................................93

***Китоб бо тамғаи нашриёти***
***«Адиб» чоп шудааст.***

**Солеҳ Бобизода**

**ШИИКАСТИ САДШИКАН**
*(мунтахаби ашъор)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Мусаҳҳеҳ *Сайфуллои Розиқ*

Ба матбаа 22.04.2011 супорида шуд.
Чопаш 25.04.2011 ба имзо расид.
Андоза 84х108 1/16. Ҷузъи чопӣ 6,0.
Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар Комбиноти полгирафӣ чош шудааст.
734063. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 126.